آواز تاجیک

Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рӯзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991)

Овози тоҷик

Бани одам аъзои якдигаранд!

6 ноябри соли 2024 Чоршанбе № 89 (15100)

e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

ПЕШНИҲОДҲО ОИД БА ТАКМИЛ ДОДАНИ ҲИФЗИ ИҶТИМОӢ БАРРАСӢ ШУДАНД

Президент Шавкат Мирзиёев 5 ноябр бо тақдимоти пешниҳодҳо оид ба дастгирии кӯдакони ниёзманди ҳифзи иҷтимоӣ, инчунин ҷалби шахсони маълӯл ба варзиш шинос шуд.

Дар Конвенсияи ҳуқуқи кӯдак гуфта мешавад, ки камол ёфтан дар муҳити оила ҳуқуқи ҷудонашавандаи ҳар як кӯдак мебошад. Тибқи маълумоти ЮНИСЕФ, нисфи ятимон дар ҷаҳон бо хидмати ҳифзи иҷтимоӣ фаро гирифта нашудаанд.

Дар барномаи «Аз камбизоатӣ то беҳбудӣ», ки бо фармони Президент аз 23 сентябри соли равон қабул шуда буд, ҳамчунин дар самти пешгирии ятимии иҷтимоӣ ва ғамхорӣ ба кӯдакони аз парастории падару модар маҳрум ҳадафҳо гузошта шудааст. Ҳуҷҷат ба фароҳам овардани шароити то ҳадди имкон ба муҳити оилавӣ наздик ва муносибати инфиродӣ ба ҳар як кӯдак нигаронида шудааст. Вобаста ба ин, барои ба тарбия супоридани чунин кӯдакон ва бо хидматрасонии иҷтимоӣ таъмин намудани онҳо чораҳо таҳия шуданд.

Аз ҷумла, ҳангоми ба парасторӣ додани кӯдак ба нигоҳ доштани муҳити оила афзалият дода мешавад. Шаклҳои асосии ҷойгиркунӣ — васӣ, парасторӣ ё фарзандхондӣ мебошанд. Ҷойгир кардан ба муассисаи махсус танҳо ҳамчун чораи охирин ба ҳисоб меравад.

Илова бар ин, таҷрибаи ба Хонаҳои меҳрубонӣ ва ятимхонаҳо додани кӯдакон аз сабаби камбизоатии оилавӣ бекор карда мешавад. Дар сурати бо кор таъмин будани падару модарони оилаҳои камбизоат, ҳароҷоти кӯдакистон то ба сесолагии кӯдак аз ҳисоби Фонди ҳифзи иҷтимоӣ ҷуброн карда мешавад.

Дар Хонаҳои бачагон барои заноне, ки аз фарзандони худ даст кашидан мехоҳанд, «Маскани модарон» ташкил карда мешаванд. Ба онҳо кумаки иҷтимоӣ, ҳуқуқӣ, равонӣ ва тиббӣ расонида шуда, малакаҳои модарӣ омӯзонда ва дар азхудкунии касбҳо кумак расонда мешавад.

Ташкилотҳои ҷамъиятӣ низ дар расондани ин хидмат васеъ ҷалб карда мешаванд.

Кӯдаконе, ки дар вазъияти душвори зиндагӣ қарор доранд, аз ҷониби марказҳои «Инсон» муваққатан то додан ба тарбия ба хонаҳои кӯдакон ҷойгир карда мешаванд. Барои ҳар як кӯдаке, ки ба парасторӣ дода мешавад, нақшаи инфиродии рушд таҳия карда мешавад.

Низоми «Ҳифзи иҷтимоӣ» баҳисобгирии кӯдакони ятими муайяншуда ва шахсонеро, ки хоҳиши ба парасторӣ гирифтани онҳоро баён кардаанд, пеш мебарад. Марказҳои “Инсон” ҳамчун намояндаи қонунии кӯдакон фаъолият намуда, ҳуқуқ ва манфиатҳои онҳоро ҳимоя хоҳанд кард.

Онҳо ҳамчунин вазъи зиндагии кӯдаконе, ки ба парасторӣ дода шудаанд, истифодаи мақсадноки кумакҳои расонидашуда ва иҷрои ӯҳдадориҳои парастороннро назорат мекунанд.

Шаҳрвандоне, ки Хонаи оилавии кӯдакон ташкил мекунанд, ҳамчун шахсони худмашғул ба қайд гирифта мешаванд. Ба кӯдаконе, ки дар чунин оилаҳо тарбия ёфтаанд, то замони хатми таҳсилоти миёнаи умумӣ ва миёнаи махсус хароҷот барои зиндагӣ ва нигоҳубини онҳо ҷуброн карда мешавад.

Қаблан парлумон Қонун “Дар бораи ҳифзи кӯдакон аз ҳама шаклҳои зӯроварӣ”-ро маъқул дониста буд, ки бо назардошти таҷрибаи кишварҳои пешрафта таҳия шудааст. Он заминаҳои ҳуқуқии ҳифзи кӯдаконро аз зӯроварӣ муқаррар намуда, мақомоти давлатӣ ва ваколатҳои онҳоро дақиқ муайян мекунад. Президент ин қонунро имзо кард.

Дар маросими тақдимот ҳамчунин пешниҳодҳо оид ба ҷалби шахсони маълӯл ба шуғлварзӣ бо варзиш баррасӣ шуданд.

Дар Ӯзбекистон барои шуғл варзидан бо 19 намуди параспорт шароит фароҳам оварда шуда, наздики 25 ҳазор нафар шахсони маълӯл мунтазам ба варзиш машғул мешаванд.

Бо мақсади васеъ намудани имкониятҳо дар ин самт як қатор тадбирҳо пешниҳод карда шудаанд. Аз ҷумла, дар мактабҳои давлатии спорт ташкил намудани сексияҳои мутобиқшавӣ ба варзиш, инчунин ба эҳтиёҷоти маъюбон мувофиқ кардани майдончаҳои спортии маҳаллаҳо пешниҳод мешаванд.

Дар низоми электронии «ERP-sport» тавассути баҳисобгирии шахсони дорои маълулият имкон дода мешавад, ки ба таври автоматӣ намудҳои варзиши ба имконияташон мувофиқ интихоб карда шаванд. Дар марказҳои офият истифода бурдани усулҳои ҳозиразамони барқароркунӣ, аз қабили терапевтҳои ҷисмонӣ, механикӣ ва физиотерапия пурзӯр карда мешавад.

Дар баробари ин ба тайёр кардани мутахассисони соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиши мутобиқ таваҷҷуҳ дода мешавад. Дар ин самт қорӣ намудани низоми ҳавасмандгардонии моддии ғолибони мусобиқаҳои байналмилалӣ ва мураббиёни онҳо дар назар аст.

Саркори давлат ҷи-ҳати такмили қонунгузорӣ дар ин самт ва фароҳам овардани шароит барои шахсони ниёзманди дастгирии иҷтимоӣ супоришҳо дод.

ӮзА.

ПРЕЗИДЕНТИ ӮЗБЕКИСТОН БА БИШКЕК ОМАД

Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев бо сафари корӣ ба Қирғизистон омад.

Дар фурудгоҳи байналмилалии «Манас» меҳмони олиро Раиси Девони Вазирони Қирғизистон Ақилбек Ҷапаров ва дигар шахсони расмӣ пешвоз гирифтанд.

Мувофиқи барномаи сафар 6 ноябр саркори давлати мо дар нишасти навбатии Ташкилоти давлатҳои туркӣ ширкат хоҳад кард.

Рӯзномаи нишасти кунунӣ масъалаҳои рушди минбаъдаи ҳамкориҳои бисёрҷониба дар доираи Ташкилотро дар бар мегирад. Ба таври анъанавӣ ба таҳкими муколамаи сиёсӣ, афзоиши ҳамкориҳои тиҷоративу иқтисодӣ ва сармоягузорӣ, ҳавасмандгардонии табодули тиҷорат ва тавсеаи ҳамкориҳои фарҳангӣ ва башардӯстона таваҷҷуҳи хоса дода мешавад.

Саркори давлатҳо ҳамчунин доир ба масъалаҳои мубрами байналмилалӣ ва минтақавӣ табодули назар мекунанд.

Бинобар ҷамъбасти ҷамъомад қабули як қатор қарору ҳуҷҷатҳои муштарак, аз ҷумла Хартияи дунёи туркӣ, ки бо ташаббуси мамлакати мо таҳия гардидааст, ба нақша гирифта шудааст.

ӮзА.

Фармони Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон

ДАР БОРАИ БА ВАЗИФАИ ҲОКИМИ ВИЛОЯТИ САМАРҚАНД ТАЪИН НАМУДАНИ Э.О. ТУРДИМОВ

Бинобар банди 15 моддаи 109 ва моддаи 124-уми Конститутсияи Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва инчунин бинобар қарори Шӯрои депутатҳои халқи вилояти Самарқанд Турдимов Эркин Оқбутаевич ба вазифаи ҳокими вилояти Самарқанд таъин карда шавад.

Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Ш. МИРЗИЁЕВ

Шаҳри ТОШКАНД,
5 ноябри соли 2024.

Фармони Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон

ДАР БОРАИ БА ВАЗИФАИ ҲОКИМИ ВИЛОЯТИ ХОРАЗМ ТАЪИН НАМУДАНИ Ҷ.Р. РАҲИМОВ

Бинобар банди 15 моддаи 109 ва моддаи 124-уми Конститутсияи Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва инчунин бинобар қарори Шӯрои депутатҳои халқи вилояти Хоразм Раҳимов Ҷӯрабек Раҳимович ба вазифаи ҳокими вилояти Хоразм таъин карда шавад.

Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Ш. МИРЗИЁЕВ

Шаҳри ТОШКАНД,
5 ноябри соли 2024.

Фармони Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон

ДАР БОРАИ БА ВАЗИФАИ ҲОКИМИ ВИЛОЯТИ ҶИЗЗАХ ТАЪИН НАМУДАНИ Э.А. САЛИЕВ

Бинобар банди 15 моддаи 109 ва моддаи 124-уми Конститутсияи Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва инчунин бинобар қарори Шӯрои депутатҳои халқи вилояти Ҷиззах Салиев Эргаш Алибекович ба вазифаи ҳокими вилояти Ҷиззах таъин карда шавад.

Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Ш. МИРЗИЁЕВ

Шаҳри ТОШКАНД,
5 ноябри соли 2024.

Фармони Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон

ДАР БОРАИ БА ВАЗИФАИ ҲОКИМИ ВИЛОЯТИ НАВОӢ ТАЪИН НАМУДАНИ Н.Т. ТУРСУНОВ

Бинобар банди 15 моддаи 109 ва моддаи 124-уми Конститутсияи Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва инчунин бинобар қарори Шӯрои депутатҳои халқи вилояти Навоӣ Турсунов Нормат Тулқунович ба вазифаи ҳокими вилояти Навоӣ таъин карда шавад.

Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Ш. МИРЗИЁЕВ

Шаҳри ТОШКАНД,
5 ноябри соли 2024.

ҶОДАИ ҲАМЕШАФАЪОЛ

Дар ноҳияи Чироқчии вилояти Қашқадарё нахустин бор ба сохтмони ҷодае азм намудаанд, ки дар як шабонаӯр 24 соат фаъол буда, дорои инфрасохтори ҷолиб ва махсусе мебошад.

Сохтмони ин роҳи ҳамешафаъол дар ҳоле ба нақша гирифта шуд, ки салоҳияти сайёҳии вилоят рӯз аз рӯз боло рафта, ба ин минтақа таваҷҷуҳи ҷаҳонгардони хориҷӣ беш аз пеш меафзояд. Мақсад аз сохтану ба истифода додани ин ҷода шароити боз ҳам хуб ва муҳити созгоре фароҳам овардан барои будубоши ҷаҳонгардони хориҷӣ ва сайёҳони дохилӣ аст. Интизор меравад, ки дар қади ин ҷода нуқтаҳои савдо, аз ҷумла савдои коло, намунаи дастранҷи ҳунармандон, маҳсулоти заргарӣ, тарабхонаҳо ва дигар масокини тафреҳии дилхушкунанда бунёд гарданд. Мувофиқи тарҳи пешакӣ бари ҷодаи ҳамешафаъол 12 метрро ташкил медиҳад ва дар ҳар ҷо қуттиҳои партов насб шуда, ҳалқаҳои сабзе низ сохта мешаванд, ки атрофи онҳоро дарахтони манзаравӣ, мевадиҳанда ва гулҳои рангоранг зинат медиҳанд. Курсӣ ва харакҳои гуногун низ гузошта мешаванд, ки хоҳишмандон нишаставу истироҳат кунанд.

Ҷодаи ҳамешафаъол роҳи байни ду маҳалла – «Чироқчӣ» ва «Чоштепа»-ро ба ҳам васл месозад, ки дар ноҳияи Чироқчӣ маскани ба чашм намоён буда, таваҷҷуҳи меҳмонони ин минтақаро бештар ба худ мекашад. Барои сохтани ин ҷода 4,5 миллиард сӯм ихтисос дода шуд. Ҳокими ноҳия Файзулло Юсупов бо ҷамъи мутасаддиён ва соҳибкорони маҳаллӣ ҷузъиёти тарҳи мазкурро муҳокима намуда, бонкҳои маҳаллиро вазифадор сохт, ки ба соҳибкорон кредитҳои имтиёзнок диҳанд.

Шариф ХАЛИЛ,
хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Қашқадарё.

БА РӮЗНОМАИ «ОВОЗИ ТОҶИК» ОБУНА ШАВЕД!

Обуна ба рӯзномаи «Овози тоҷик» барои соли 2025 идома дорад.

Индекси обуна 170

Агар хоҳед, ки:
— дар соли 2025 аз навигариҳои соҳаҳои гуногун огоҳ бошед;
— фармон, қарор, фармоиш, барнома ва асноди гуногунро сари вақт дастрас намоед ва бо мазмуну моҳияти ҳуҷҷатҳои меъёрӣ ошно гардед;
— аз таҷриба судманди намояндагони пешқадами соҳаҳо огоҳ шавед;
— таҷриба, андеша ва дархости худро пешниҳод карда тавонед;
— аз эҷоди бадеии аҳли адабу фарҳанг ва ҳампешагон бохабар бошед;
— ҷолибтарин матолибу мақолаҳоро оид ба муҳимтарин масоили рӯз мутолиа кунед;
— сатҳи дониш, маҳорат ва малакаи худро пайваста такмил диҳед;



ПАС, БА РӮЗНОМАИ ДӮСТДОШТАИ ХУД – «ОВОЗИ ТОҶИК» ОБУНА ШАВЕД.

Телефон барои муроҷиат: +998 55 5200336.

БӮРЁКӮБӢ ДАР УРГУТ

Дар асоси Қарори саркори давлат «Дар бораи чораҳои иловагӣ оиди боз ҳам такмил додани фаъолияти Донишгоҳи давлатии Самарқанд» дар ноҳияи Ургут филиали донишгоҳ ташкил ёфта буд, ки ҳоло дар ин баргоҳи таълимӣ 1435 нафар донишҷӯ аз устодони соҳибтаҷриба асрори касбҳои гуногунро меомӯзанд.

Чанде пеш дар филиали донишгоҳ хобгоҳи нав барои 400 нафар донишҷӯ ба истифода супурда шуд. Бо ҳамин муносибат тадбири пуршукӯҳ ба вуқӯъ пайваст. Дар чорабинӣ ректори Донишгоҳи давлатии Самарқанд Рустам Холмуродов, вакилони ҳокимияти ноҳияи Ургут, намояндагони ҷамоатӣ, профессору устодон ва донишҷӯён иштирок карданд.

Таъкид гардид, ки барои бунёди иншооти мазкур беш аз 27 миллиард сӯм маблағ сарф шудааст. Дар хобгоҳи талабагон ошхона, толори варзиш, китобхона ва ғайра мавҷуд.

Ҳоло филиалҳои Донишгоҳи давлатии Самарқанд дар ноҳияҳои Ҷомбой, Каттақӯрғон, Самарқанд арзи вуҷуд дошта, беш аз 30 ҳазор нафар писаракону духтаракон бо илм ва касбомузӣ машғул ҳастанд.

Зоҳир ҲАСАНЗОДА,
хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Самарқанд.

ӮЗБЕКИСТОН – ТДТ: РЕШАҲОИ МУШТАРАК ВА ОЯНДАИ ЯГОНА

5 ноябр Президенти Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев ба Бишкек барои иштирок дар чорабиниҳои нишасти Ташкилоти давлатҳои туркӣ (ТДТ) омад.

Аъзои ТДТ панҷ давлат – Озарбойҷон, Қазоқистон, Қирғизистон, Туркия ва Ӯзбекистон ба шумор мераванд. Инчунин Венгрия, Туркманистон ва Ташкилоти ҳамкории иқтисодӣ (ТҲИ) дар Ташкилот дорои мақоми нозир мебошанд.

«Ташкилоти давлатҳои туркӣ дар тартиби ҷаҳони нав, ки ҳоло ташаккул меёбад ва низоми институтҳои байналхалқӣ ҷойгоҳи муҳимро соҳиб аст, – таъкид кард Президенти Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев дар ҳамоиши ТДТ дар шаҳри Остона соли гузашта. – Ҳудуди ташкилотамон, ки молики 175 миллион нафар аҳолӣ аст, инчунин минтақае ба шумор меравад, ки молики имконоти калони иқтисодӣ мебошад. Бо қаноатмандии том таъкид кардан мехоҳам, ки мамлакатамон бо тамоми аъзои Ташкилот муносибати стратегиро барқарор намудааст».

Лозим ба ёдоварист, ки номи кунунии Ташкилоти давлатҳои туркӣ бо ташаббуси Президенти Ӯзбекистон 12 ноябри соли 2021 қабул гардид, ки иттиҳодияи мазкур қаблан Шӯрои ҳамкории давлатҳои туркизабон номида мешуд.

Имрӯз ТДТ ба ниҳоди босамари байналхалқӣ табдил ёфтааст, ки ба рушди шарикии амалӣ дар тамоми самтҳои бартаринок барои тараққиёт мусоидат менамояд. Маҷмӯи ММД давлатҳои ТДТ 1,6 триллион доллярро ташкил менамояд, то охири соли 2024, тавре ки интизор меравад, ҳаҷми иқтисодиёти мамлакатҳои туркӣ ба 1,9 триллион доллар мерасад.

Мақсади асосии ТДТ мустаҳкам намудани боварӣ ва алоқаҳои бисёрҷанбаи байни мамлакатҳои бародар, рушди ҳамкорӣ дар соҳаҳои савдо, иқтисодиёт, энергетика, сайёҳӣ, нақлиёт ва маданиву гуманитарӣ, ҳамоҳангсозии кӯшишҳо дар таъмини сулҳ ва субот дар минтақа мебошад.

Пойгоҳи консептуалӣ барои пеш бурдани ин мақсад Барномаи «Назари ҷаҳони туркӣ – 2040» мебошад, ки бинобар ҷамъбасти ҳамоиши ҳаштуми саркорони давлатҳо моҳи ноябри соли 2021 дар Истанбул қабул гардидааст.

Мамлакатҳои аъзо дар назди худ оид ба рушди ҳамкории ҳамаҷониба, ташаккули пойгоҳ барои муҳокима ва амиқсозии ҳамкорӣ, мустаҳкам намудани боварии ҷонибҳо, дӯстӣ, некҳамсоягӣ ва инчунин дастгирии субот ва бехатарӣ дар минтақа ва инчунин дар тамоми ҷаҳон вазифаҳо гузоштаанд. Давлатҳои аъзои ташкилот дар таҳияи мавқеъҳои ҳамоҳангсохта оид ба масъалаҳои сиёсати хориҷӣ, ки мавриди манфиати тарафҳо мебошанд, аз он ҷумла дар доираи ташкилот ва анҷуманҳои байналхалқӣ манфиатдор мебошанд. Рағбатноксозии ҳамкории минтақавӣ ва дуҷониба дар тамоми самтҳо, фароҳам овардани шароити муносиб барои савдо ва сармоя, нақли озоди амвол, сармоя, хидматрасонӣ, технология ва сода намудани амалиёти моливу бонк, кӯшишоти муштараке, ки барои тараққиёти ҳамаҷониба ва мутаносиби иқтисодӣ, рушди иҷтимоӣ ва маданӣ нигаронда шудааст, мақсади муҳим ба шумор меравад.

Барои Ӯзбекистон, ки ба ташкилот соли 2019 қабул гардид, иштирок дар ин ниҳод қадами муҳим натанҳо дар мустаҳкамсозии алоқаҳои иқтисодӣ ва сиёсӣ, балки дар дастгирӣ намудан ва рушди аслияти мадании умумии ҷаҳони турк гардид. Ӯзбекистон дар пеш бурдани лоиҳаҳои гуманитарӣ ташаббускории фаъолона намоиш медиҳад ва худро чун шарики калидӣ дар татбиқи барномаҳо оид ба ҳифзи мероси муштарак ва рушди ҳамкорӣ зоҳир менамояд.

Солҳои 2022-2023 Ӯзбекистон дар ТДТ раисӣ намуд. Оғози раисӣ, ба эътирофи ҳама, бо ҳамоиши муҳими таърихии Самарқанд, ки зери шиори «Даврони нави тамаддуни туркӣ: дар роҳи рушди муштарак ва гулгулшукуфӣ» моҳи ноябри соли 2022 баргузор гардид, дар хотир бокӣ монд.

Дар давраи раисии Ӯзбекистон беш аз сад чорабинӣ баргузор гардид, чандин платформаи нави ҳамкории амалӣ фароҳам омад. Чунин ниҳодҳо мисли Ташкилоти иттифоқҳои касбаи давлатҳои туркӣ, Академияи тадқиқотҳои кайҳонӣ, Шӯрои ҷуғрофӣ, Донишкадаи бартарафсозии хушксолӣ, Иттиҳоди нотариусҳо ба кор шурӯъ намуданд. Робитаҳои наздики шарикӣ бо чандин ниҳодҳои бонуфузи ҷаҳонӣ ва минтақавӣ – СММ ва институтҳои махсуси он, Ташкилоти ҳамкории исломӣ, Машварат оид ба ҳамкорӣ ва эътимод дар Осиё, Ташкилоти ҳамкории иқтисодӣ роҳандозӣ гардиданд. Ӯзбекистон дар давраи раисӣ барои ҳамкории шаклҳои гуногунҷанба ва нарм кӯшиш намуд, ки ба шаффофият ва инклюзив асос ёфта, шомили минтақа ва тамаддунҳои мухталиф мебошад.

Рӯйдоди муҳими ҷамъбасти ҳамоиши Самарқанд қабул гардидани «Стратегияҳои ТДТ дар солҳои 2022-2026» гардид, ки барои татбиқи консепсияи рушди мамлакатҳои туркии «Назари ҷаҳони турк – 2040» «харитаи роҳ»-и аввалин гардид.

Дар доираи ҳамоиши ТДТ дар Остона 3 ноябри соли 2023 Президенти Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев барои саҳми бузургаш дар мустаҳкам намудани ваҳдати оилаи турк, фаъолона пеш бурдани манфиат ва назари мамлакатҳои турк дар арсаи байналхалқӣ бо «Ордени олии ҷаҳони турк» мукофотонида шуда буд.

«Ин мукофотро ман, пеш аз ҳама, чун рамзи дӯстӣ ва ҳамкории наздикамон мепазирам, ки мо онро, ба риштаҳои воқеии бародарӣ такя намуда, ба даҷаи нав бардоштем», – гуфт роҳбари давлатамон дар маросим, дар ҳоле ки ба ҳамтоёни худ изҳори сипос мекард.

Ӯзбекистон ташаббусҳои таъсирбахшро оид ба вусъатдиҳӣ ва мустаҳкам намудани ҳамкорӣ идома дода, мавқеи фаъолро ишғол менамояд. Ҳоло беш аз 60 ташаббусе, ки роҳбари давлатамон дар ҷараёни ҳамоишҳои ТДТ пешниҳод намудааст, амалӣ гаштааст ва дар ҷараёни татбиқ мебошад.

Мамлакатамон дар лоиҳаҳое, ки ба ҳифз ва оммавӣ гардондани мероси маданӣ ва таърихӣ нигаронда шудааст, таҳияи равияҳои нави савдо ва нақлиёт, ки Осиёи Марказиро бо Аврупо ва дигар минтақаҳо мепайвандад, фаъолона иштирок менамояд.

Дар соҳаи таълим Ӯзбекистон дар барномаҳои табодули донишҷӯён ва муҳаққиқон фаъол иштирок менамояд, ки ба мустаҳкам намудани робитаҳо байни донишгоҳҳо ва марказҳои илмии мамлакатҳои турк мусоидат менамояд. Дар соҳаи таълим ҳамкорӣ фаъолона дастгирӣ мегардад, ки ба вуҷуд овардани барномаҳои муштараки таълимӣ ва платформаҳои академӣ барои табодули таҷриба шомили он мебошад. Ҷиҳати муҳими ташаббусҳои Ӯзбекистон инчунин таҳияи лоиҳаҳо дар соҳаи энергетика ва ҳифзи муҳити зист ба шумор меравад.

Ҳоло мамлакати мо барои пурзӯр намудани механизмҳои молиявии ташкилот, аз он ҷумла Фонди инвеститсионии ТДТ, ки фаъолияти худро соли ҷорӣ шурӯъ намуд ва инчунин ҳарчи зудтар ба кор андохтани Бонки рушди ташкилот, ки бо ташаббуси Президенти Ӯзбекистон ба вуҷуд меояд, кӯшиш мекунад.

Ҳамкории дуҷонибаи Ӯзбекистон бо мамлакатҳои аъзо ва нозири ТДТ инчунин молики хусусияти мусбат мебошад. Ҳамин тариқ, Ӯзбекистон мақоми муносибатро бо тамоми мамлакатҳои иштирокдори ТДТ, аз ҷумла то дараҷаи шарикии стратегӣ бо Туркманистон ва Венгрия, шарикии стратегии фарогир бо Туркия ва Қирғизистон ва ҳампаймонӣ бо Қазоқистон ва Озарбойҷон боло бурд.

Домани ҳамкории сармоягузорӣ бемайлон меафзояд. Солҳои 2017-2022 мамлакатҳои ТДТ ба иқтисодиёти мамлакатамон ба миқдори беш аз 4 миллиард доллар сармоягузорӣ намуданд, ки ин 8 фоизи ҳаҷми умумии сармояҳои хориҷиро дар давраи мазкур ташкил менамояд.

Ҳамин тариқ, ҳамоиши Ташкилоти давлатҳои туркӣ дар Бишкек чун пойгоҳ барои пеш бурдани ташаббусҳои нави Ӯзбекистон оид ба рушд ва мустаҳкам намудани потенсиали ТДТ хидмат менамояд, ҷамъбасти он, бешубҳа, нуқтаи навбатии ибтидоӣ барои шиддат додани ҳамкории бисёрҷанба ба хотири тараққиёт ва шукуфоии халқҳои турк мегардад.

АИ «Дунё».

Соли ҷавонон ва дастгирии тиҷорат

Навъе ба мо маълум, соли равон дар мамлакатамон Соли ҷавонон ва дастгирии тиҷорат эълон шудааст. Қисми муайяни аҳолии диёри моро ҷавонон ташкил медиҳанд. Ғайр аз ин тиҷорат, ки маънои васеъ ва соҳаҳои гуногун дорад, дар мустаҳкамсозии пояҳои иқтисодӣ нақши босазо дорад. Дар таҳкиму равнақи иқтисодӣ бошад, ҷавонон ҳамчун қувваи пурзӯр фаъолнокӣ нишон медиҳанд, ба ҳарҷониба тавоноӣ касб намудани кишвари рӯ ба тараққиашон саҳми муносиб мегузоранд.

ОМИЛҲОИ МУҲИМИ РУШДИ ИҚТИСОДӢ ВА ТАРАҚҚИЁТИ МАМЛАКАТ

Барномаи давлатии «Соли ҷавонон ва дастгирии тиҷорат» ба боз ҳам баланд бардоштани нақши ҷавонон дар равнақи иқтисодию иҷтимоии кишвар ва ривоҷ додани соҳибкорӣ нигаронида шудааст.

Дар ибтидои соли равон роҳбари давлати мо ҷамъомади видеоселекторӣ гузаронд. Дар он вазифаҳои устувор оиди таъмини барқарории макроиқтисодӣ ва равнақи иқтисодӣ дар соли 2024 муайян ва дар ин самт масъалаҳои дахлнок мавриди муҳокима қарор дода шуданд. Маълум, ки дучороии тамоми ҷаҳон ба пандемия, минҷумла, ба мамлакати мо пахншавии вируси тоҷдор дар солҳои 2020-2021 ба бисёр соҳаҳо таъсири номатлуби худро гузошта бошад, зарари он қабл аз ҳама ба иқтисодиёт расид. Ногуворӣ дар соҳа то андозае дар соли 2022 низ ҳис гашт. Бинобар андешидани чораҳои таъҷилӣ танҳо дар соли 2023 як дараҷа пешравиҳо ба чашм расид – сабзиши иқтисодӣ дар мамлакат 6 фоизро ташкил намуд. Аз ҷумла, саноат – 6, хидматрасонӣ 6,8, сохтмон – 6,4, кишоварзӣ бошад 4,1 фоиз афзуд.

Дар соли 2024 мамлакат марра ва нақшаҳои боз ҳам баландтарро назди худ гузошт. Мақсади ниҳоӣ – камаш 6 фоиз афзун гардондани ҳаҷми маҳсулоти дохилӣ, ки бояд тақрибан 100 миллиард доллар арзиш дошта бошад.

Роҳбари давлат вазифа гузошт барои даст ёфтан ба самаранокии иқтисодӣ бояд қувваҳои корӣ муттаҳид карда шаванд. Ба ин кор, дар навбати аввал, ходимони маҷмӯаҳои иқтисодӣ масъуланд. Президент гуфт соли 2024 бояд соли кам кардани арзиши аслӣ ва самаранокӣ бошад. Ба харҷҳои барзиёд, мутеъӣ ба импорт роҳ гузошта нашавад. Ҳамоҳангсозии харидҳо ва логистика – яке аз вазифаҳои ҳаллашон таъхирнопазир. Дигар, муваффақият ва нокомии бисёр корҳои иқтисодиёт ба энергия вобаста мебошанд. Аз ин рӯ, тавассути рақамисозӣ захираҳои энергетикӣ бояд сарфа карда шаванд. Агар арзиши аслӣ 15 фоиз коҳиш ёбад, ба комёбиҳо дар ришта бештар умед бастан мумкин.

Маълум, ки иқтисодиёт – ин моддиёт, бо ифодаи дигар маблағ ё молия аст, мустаҳкам будани интизоми молиявӣ низ омили муҳими пешравиҳост.

Дар соли 2023 баробари муваффақиятҳо норасоиҳо низ ба назар расиданд. Аз ҷумла, аз ҷониби корхонаҳои давлатӣ аз рӯи пардохтҳои дивидендӣ ва андоз ба буҷа маблағе, ки чашмдор будем, наафтод. Маълум гашт дар вилоятҳои Хоразм, Бухоро ва Қашқадарё вориди андоз ҳатто ба 7 фоиз нарасидааст. Масъалаи дардноки дигар – рӯнамоии иқтисодиёти пӯшида (хуфиёна). Таҳлилҳо нишон медиҳанд қисми муайяни гардишҳо хусусан дар соҳаҳои хидматрасонӣ, сохтмон ва саноат аз назар пинҳон монда, ба рақобати солиму пешравии иқтисодӣ, рӯй додани ҳар гуна ҳолатҳои номатлуб ва ҳатто ҷиноятҳои молиявӣ сабаб мешаванд. Дар ин самт чораҳо андешида мешаванд. 14 идора алайҳи иқтисодиёти хуфиёна ва ҷиноятҳои иқтисодӣ мубориза мебарад. Бо мақсади ҳамоҳангсозӣ ва боз ҳам пурзӯрнамоии корҳои мақсаднок ваколатҳои Департаменти мубориза алайҳи ҷиноятҳои иқтисодии назди Сарпрокуратураи ҷумҳурӣ боз васеътар карда шудааст. Департамент ба воситаҳои техникӣ ва мутахассисони соҳибмалака таъмин аст. Дар ҳузури он Маркази илмӣ-таҳлилӣ ва таълимӣ низ кушода шудааст.

Пештар дар ҷамъомадҳо асосан дар бораи комёбиҳо ҳарф мезаданд. Чунин воменамуд дар кадом соҳае набошад, хусусан дар соҳаи иқтисодиёт кулли корҳо табъи дил, бо маром пеш меравем, дараҷаи зиндагии мардуми мо беҳтар мегардад. Вале аз хусуси ночорҳо сухан ба миён намеомад. Мисле дуздиву коррупсия дар иқтисодиёт ба назар намерасад ва ҳоказо. Имрӯз чизе, ки воқеист, ба забон оварда мешавад.

Хабардор шудем, ки дар соли 2023 дар буҷа 1,2 триллион сӯмина харҷҳои зиёдатӣ, айни замон, 200 миллиард сӯмина камомаду дуздӣ ба мушоҳида расидааст. Алалхусус дар соҳаҳои тандурустӣ ва кишоварзӣ маблағҳое, ки ба барнома дароварда шудаанд, азхуд нагаштаанд.

Яке аз доғҳои ҷамъияти мо – беасос маош ё мукофот гирифтани ашхосе, ки дар асл кор намекунанд. Ин гуна ҳолати ногувор соли гузашта дар соҳаи иқтисодиёт ҳам ба чашм бархӯрд.

Аз ин гуна ҳолатҳо хулоса бароварда, дар соли 2024 дар назди масъулони назорати молиявӣ, хоссатан департаменти зикршуда вазифа гузошта шудааст алайҳи каҷдастон муборизаро боз ҳам пурзӯр намоянд.

Соли равон бояд аз буҷа ҷамъ 313 триллион сӯм харҷ гардад. Дуруст сарф карда шудани маблағи буҷа, ки айни замон пули халқ аст, бояд қатъӣ ба назорат гирифта шавад.

Даҳ моҳи аввали соли равон низ ба охир расид. Вазъи иқтисодии мамлакат чӣ тавр аст? Пешравиҳо назар ба порсола эҳсосшавандаанд?

Мутахассис ва экспертҳои маҳалливу хориҷӣ мегӯянд соли 2024 барои иқтисодиёти Ӯзбекистон соли қулай ва бобарор омад. Фаъолнокии соҳибкориву сармоявӣ ба динамикаи суръатнок такон мебахшад. Аз маълумотҳои Агентии статистикӣ бармеояд агар дар шашмоҳаи аввали соли гузашта афзоиши ҳаҷми маҳсулоти умумии дохилӣ 6,2 фоизро ташкил карда бошад, нимсолаи аввали соли равон нишондиҳанда ба 6,4 фоиз расид. Дар моҳҳои январ-июн ҳаҷми сармояҳо ба капитали асосӣ 37 фоиз боло рафтааст (ҳаҷми сармояҳои марказонидашуда бошад – 39 фоиз афзуд).

Имрӯз, назар ба мушоҳидоти мутахассисони соҳа, воридшавии бевоситаи сармояи хориҷӣ то андозае суръат гирифтааст, ки ин аломати пешравиҳост.

Баъди чанде соли равон низ ба поён мерасад ва суръати сабзиши иқтисодӣ дар давоми соли 2024 дақиқ мегардад. Вале аз ҳоло маълум, ки дар ҳамаи соҳаҳои иқтисодӣ пешравиҳо ба назар мерасанд. Дар кишоварзӣ баробари дигар соҳаҳо ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти чорво боло меравад, хоҷагии ҷангал ва моҳипарварӣ ба комёбиҳои назаррас даст меёбад. Хусусан истеҳсоли маҳсулоти сохтмон назар ба ҳамин давраи соли гузашта наздик якуним баробар боло рафтааст. Сохтмон ва бунёдкориҳо ҳамон дар авҷ ва симои Ӯзбекистони Нав дар соли 2024 куллан тағйир ёфт. Фаъолияти хидматрасонӣ, айни замон, қонеъкунанда. Навъе аз идораи Маркази тадқиқоту ислоҳоти иқтисодӣ маълум менамоянд, соҳаҳои ахбору робита, таълим ва тандурустӣ бештар ба пешравӣ ноил мешаванд. Экспорти маводҳои сӯзишвориву энергетикӣ, маҳсулоти саноат, кимё ва озуқаворӣ ба пештар воридшавии капитал мусоидат месозад.

Воқеан, дар Стратегияи «Ӯзбекистон – 2030» ба зарурияти иштироки фаъолонаи насли ҷавон дар ҷараёни модернизатсияи ҷамъият ишораҳо мавҷуд. Алъон шоҳиди он мегардем ҳаракот ба рушди салоҳияти илмии онҳо самара мебахшад. Барномаҳои таълимии наве ҷорӣ карда мешаванд, ки дар навбати аввал ба ташаккул додани малакаи иқтисодии онҳо нигаронида шудаанд, то онҳо дар идоракунии иқтисодиёти замонавӣ ва соҳибкорӣ ба душворӣ дучор наоянд. Дар соли 2024 чанде минтақаҳои хурди саноатӣ кушода шуданд, ки имкон медиҳанд ҷавонон лоиҳаҳои соҳибкориашонро ба амал татбиқ намоянд. Ин гуна ташаббусҳо натанҳо ҷавононро ба соҳибкорӣ ҷалб менамоянд, ҳамчунин имконият фароҳам меоваранд, ки ҷойҳои нави корӣ офарида шаванд. Амалигардии лоиҳаҳои иҷтимоию маданиашон бошад имкон медиҳад ҷавонон баробари истеҳсолот дар арсаи эҷод ва маърифату маданият худро нишон диҳанд.

Умуман ташаббусҳое, ки дар соҳаҳои гуногун мавриди дастгирианд, дар кори ноил шудан ба иқтисодиёти қудратнок ва беҳсозии ҳаёти аҳолӣ омили муҳим мебошанд.

М. ШОДИЕВ.

ФЕСТИВАЛИ АСАЛ ДАР ДАВЛАТОБОД

Намангон боз ба як фестивали анъанавии байналхалқӣ мизбон шуд. Дар парки «Афсоналар водийси», ки дар ноҳияи Давлатобод ҷойгир шудааст, дар давоми се рӯз «Фестивали III байналхалқии асал» баргузор гардид.



Дар вилоятамон зиёда аз 200 нафар соҳибкорон бо парвариши занбӯри асал машғуланд ва 170 нафари онҳо узви «Иттиҳоди асалпарварон» мебошанд. Асалпарварони мо дар ин соҳа таҷрибаи бой доранд, лекин аз ҳамкасбони намангонӣ низ ҷиҳатҳои хуби ноанъанавии соҳаро омӯхтанамон лозим.

Дар Намангон дар соҳаи экспорти асал низ натиҷаҳои хуб бисёранд. Маҳаллаи Гулободи ноҳияи Давлатобод ба ин соҳа ихтисосонида шудааст. Дар ин ҷо «Маркази асал» ташкил карда, барои асалпарварон шароит ва имкониятҳои васеъ фароҳам оварда шудааст. Аз маълумотҳо муайян мешавад, ки ҳоло аз тарафи 4590 нафар асалчӣ 348 ҳазор оилаи занбӯри асал парвариш карда мешавад. Дар давоми даҳ моҳи соли ҷорӣ 4200 тонна маҳсулоти асал фурӯхтанд. Ба Қазоқистон 17280 оилаи занбӯри асал экспорт шуд.

– Ин касбу ҳунар ба ман мероси авлодӣ аст, – мегӯяд иштироккунандаи фестивал Бурҳонҷон Сатторов. – Бобокалонам Абдуқаюмота бо парвариши занбӯри асал машғул буданд. Мо – фарзандону набераҳо ёрдамчии бобоям будем. Ба бобоям ҳавас карда, ҳар як ҳаракаташонро аз назар мегузаронидам. Вақт гузашт, ин ҳаваси ман ба мақсад табдил гашт. Бо меҳру муҳаббат кор сар карда, мустақилона оилаи занбӯри асалро парвариш намудам. Натиҷа сол то сол афзуд. Ҳоло бо ду писару 8 набераам бо ин кори пурдаромад машғулем. Нафақат дар ҳудуди худамон, ҳатто дар вилоятҳои Сурхондарёю Чиззах ва дар шаҳрҳои Оренбург ва Самараи Русия низ оилаи занбӯри асал дорем.

Дар давоми 3 рӯз, дар доираи фестивал анҷуманҳои илмӣ-амалӣ, дарсҳои маҳорат, озмунҳои ҳавасмандони соҳа, мусобиқаҳои варзишӣ гузаронида шуд.

Дар фестивал тадбиркорони маҳаллӣ ва хориҷие, ки дар соҳа фаъолият мебаранд, бо ҳамдигар шартномаҳо имзо карданд. Хусусан, бо қирғизистониён солҳои 2025-2026 ба миқдори 8 миллион доллар ахдномаи экспортӣ имзо карда шуд.

Фестивал барои ривоҷу равнақи соҳа ва мустаҳкамкунии муносибатҳои байни тадбиркорон аҳамияти калон дорад.

Бо иштироки ходимони маданияти вилоят консертҳои дилнишин ташкил карда шуд. Зиёда аз 50 нафар ғолибони фестивал аз тарафи ташкилотчиён бо тӯҳфаҳо рағбатонида шуданд.

Шоҳида ДАМИНОВА,
хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Намангон.

Варзиш

Дар шаҳри Душанбе чемпионати ҷаҳон оид ба самбо дар байни собиқадорони намуди мазкури варзиш баргузор гардид. Дар он қариб аз 20 мамлакати дунё беш аз 400 нафар самбочӣ ширкат варзиданд. Намояндагони Ӯзбекистон 13 медали арзиши гуногунро ба даст овардаанд, ки аз он 4 тилло, 1 нуқра ва 8 тоаш биринҷӣ аст.

АЗ ТОҶИКИСТОН БО МЕДАЛҲО

Бахтиёр Ҳакимов (Самарқанд), Султон Исҳоқов (Навоӣ), Ихтиёр Муҳиддинов (Чиззах), Хайрулло Насруллоев (Бухоро) дар вазни худ ғолиб дониста шудаанд.

– Мусобиқаи пуршукӯҳи байналхалқӣ дар савияи баланд гузашт, – гуфт роҳбари дастаи якқачини мунтахаби Ӯзбекистон Ҷаъфар Ҷабборов, – аз рӯи нишондод ба ҷойи савум соҳиб шудем. Баромади вакили Самарқанд Бахтиёр Ҳакимов ба мухлисони самбо таассуроти калон гузошт. Зеро ӯ соҳиби унвонҳои гуногуни варзишӣ ва чемпионати ҷаҳон оид ба самбо буда, ҳоло мураббии наврасон дар ноҳияи Самарқанд аст.

ФУРУҒИ СУБҲИ ДОНОӢ КИТОБ АСТ...

Дар доираи ҳафтаи миллии ахбор-китобхонаи «INFOLIB UZBEKISTAN-2024» байни мутахассисони муассисаҳои ахбор-китобхонаи Агентии ахбор ва коммуникатсияи оммавӣ марҳилаи ҷумҳурии озмуни «Беҳтарин мутахассиси сол» ба поён расид.

Корманди маркази ахбор-китобхонаи вилояти Самарқанд Мадина Салоҳиддинова соҳиби дипломи дараҷаи аввал гардид. Вакили шаҳри Каттақӯрғони вилояти Самарқанд Нилуфар Иноятуллоева ҷойи дуюмро ишғол намуд.

– Бештар асарҳои адибони Ӯзбекистон ва ҷаҳонро мутолиа кардан мадад дод, – гуфт Нилуфар, – бузургон насиҳат кардаанд, ки «фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст».

Баҳодури ЗОҲИР,
САМАРҚАНД.

ЛОИҲАИ УМУМИМИЛЛИИ «МАКОНИ САБЗ» – ДАР АМАЛ

Маълум аст, ки ин лоиҳа эътибори доимиро талаб мекунад ва чи хеле ки саркори давлат гуфтааст: «Ин тадбири яксола нест».



Барои амалӣ сохтани лоиҳаи «Макони сабз» дар ноҳияи Рометан низ корҳои назаррас ба сомон мерасанд. Дар давоми даҳ моҳи гузаштаи соли ҷорӣ дар ин ҷо бештар аз як миллион бех ниҳолҳои мевадору манзаравӣ шинонда шуд ва ин тадбир бо рӯҳбаландӣ идома меёбад. Ба ин ҷараён тамоми маҳаллаҳои ноҳия, деҳаҳо, мактабҳо, муассисаҳои таълими томактабӣ, тиббӣ, фаъолона иштирок мекунанд.

Ба қарибӣ дар ноҳия бо иштироки Шӯрои хоҷагиҳои фермерӣ, деҳқонӣ, қитъаҳои наздиҳавлӣ ва ҳамкорони дигар дар асоси барномаи «Макони сабз» семинари аёнӣ баргузор гардид.

Имрӯз дар ноҳия шумораи соҳибони қитъаҳои назди ҳавлӣ ба 33 ҳазорто расид. Киштзорҳои онҳо ба 3681 гектар расидааст.

Дар гирду атрофи ин қитъаҳо 123 ҳазору 556 ниҳоли мевадору манзаравӣ шинонда мешавад. Дар семинар намояндаи гурӯҳи корияи ҷумҳурӣ М.Муҳаммадиев иштирок карда, ҷараёни корҳоро таҳлил намуд ва ба масъулон супоришҳо дод.

Дар ҷараёни семинар таҷрибаи соҳиби қитъаи наздиҳавлӣ аз ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи «Қалъаичорбоғ» Ботир Бозоров омӯхта шуд ва бобати дар дигар маҳаллаҳо татбиқ намудани таҷрибаи вай қарори дахлдор қабул гардид.

Амрулло АВЕЗОВ,
мухбири «Овози тоҷик» дар вилояти Бухоро.

ШУНИДАН КАЙ БУВАД МОНАНДИ ДИДАН

Чанде пеш ба мо донишҷӯёни гурӯҳи журналистикаи курси 2-юми факултаи филологияи Донишгоҳи давлатии Самарқанд рӯзи фаромӯшнопазире гардид. Зеро бо рухсати декани факулта, профессор Ҷӯлибой Элтазаров ва ҷонишини декан оид ба корҳои хониш, дотсент Ғайрат Раҳимқулов, зери роҳбарии муаллими фанни журналистика, доктори фалсафа оид ба фанҳои филологӣ Дилрабо Назарова дар асоси барномаи таълими фанни журналистика як ҷуфти машғулоти амалиро дар таҳририяти рӯзномаи «Овози Самарқанд» гузарондем. Дар байни мо донишҷӯёне буданд, ки бори аввал ба Хонаи матбуот омадаанд.

Сараввал муаллим ба мо дар бораи аҳамияти биное, ки рӯзномаи мазкур ва боз ду рӯзномаи вилоятӣ ҷойгир буданд, ҳарф зад. Дар даромадгоҳи таҳририят бошад, дар бораи фаъолияти сармуҳаррирону кормандони рӯзнома аз аввал то имрӯз маълумот гирифтем. Сипас, мо ба утоқи корияи яке аз мухбирони собиқадору бомаҳорат, публитсист, ҳаҷвнигор ва нависандаи соҳибқалам устод Бахтиёри Ҷумъа даромада, ҳамсӯҳбат шудем. Устод аз таҷрибаи чандинсолаи худ ба мо ҳарф зада, оиди нозукиҳою душвориҳои касби журналистӣ нақл карданд, аз ҷумла, чунин таъкид намуданд:

– Мақола менависед, камбудие меёбанд. Ҳеҷ вақт дилмонда нашавед! Хатогии худро ислоҳ кунед ва кӯшиш кунед ки ба хатогиҳо роҳ надиҳед....

Дар рафти сӯҳбат ҷонишини сармуҳаррир Тошқул Азимзода ба устод ҳамроҳ шуда ба саволҳое, ки аз тарафи ҳамсабақонам дода шуд, ҷавоб доданд.

Сипас, котиби масъули рӯзнома Шаҳзод Кенҷаев дар бораи музейи таърихи матбуоти Самарқанд, нигораҳое, ки дар ин ҷо маҳфузанд ва аз таърихи рӯзномаю маҷаллаҳои ин шаҳри бостонӣ қисса мекунанд, маълумот дод. Албатта дидани якумин нусхаҳои рӯзнома, дастнавис, таҷҳизотҳое, ки дар гузашта дар матбааю нашриётҳо вазифаи технологияҳоро иҷро мекарданд, дидан ва тасаввур кардани машаққату заҳмати ходимони он даврa хеле хотирмон буд. Ҳар як шуъбаю утоқҳои корияи идораи рӯзномаро дидан кардем. Он маълумоти назарие, ки дар давоми дарс аз худ карда будем, ин ҷо дар амал дидем. Ба қавли дигар гӯем, шунидаҳоямонро дидем ва бори дигар амин гардидем, ки мақоли «шунидан кай бувад монанди дидан» гуфтани мардум беасос набудааст.

Кормандони рӯзнома ба донишҷӯён китобҳо туҳфа карданд ва ба гирифтани сурати хотиравӣ бо журналистони варзида насибамон гардид. Хуллас, он рӯз хотирмон ва аз таассуротҳо ғанӣ гардид. Дар диламон нисбати ин соҳа меҳр ва шавқ пайдо шуд.

Хадича ҲАБИБУЛЛОЕВА,
донишҷӯйи соли дуюми бахши тоҷикии факултаи филологияи ДД Самарқанд.

Мақсад – содирот ба хориҷ

Ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Парравшан транс»-и ноҳияи Когони вилояти Бухоро аз соли 2010 фаъолият дошта, ҳоло яке аз корхонаҳои пешқадами соҳаи чорводорӣ ва паррандапарварӣ мебошад.

Корхона бо мақсади зиёд кардани саршумори чорво ва парранда аз бонки халқӣ ба миқдори 12 миллиарду 300 миллион сӯм кумаки молиявӣ гирифт. Ин дастгирӣ доираи фаъолияти ширкатро васеъ намуда, ба рушди саноати чорводорӣ ва хӯрокворӣ мусоидат мекунад.

Дар корхона 40 нафар бо ҷойи корӣ таъмин шуда, даромади солона 5,6 миллиардро ташкил медиҳад. Аз сабаби он, ки ҷараёни истеҳсолот дар асоси технологияи ҳозиразамон ташкил шудааст, сифати маҳсулот ҷавобгӯйи талаб мебошад.

Дар оянда ҶММ «Парравшан транс» хатти коркарди ширро ба роҳ монда, бештар истеҳсол кардани маҳсулотро мақсад дорад. Ин имкон медиҳад, ки на танҳо талаботи бозори дохилӣ, балки хориҷӣ ҳам таъмин карда шавад.

Зариф КОМИЛОВ, мухбири ЎзА.



Маросими кушодашавии осорхонаи академики Академияи бадеии Ӯзбекистон, Арбоби шоистаи санъати Ӯзбекистон, дорандаи орденҳои «Фидокорона хизматлари учун» ва «Эл-юрт ҳурмати», узви фахрии Маркази миллӣ-фарҳангии тоҷикони вилояти Фарғона – Шарофиддин Юсупов дар назди ҳавлиаш хеле бо шукӯҳ ва тантанаи хос ба вуқӯъ пайваст. Дар он муовини ҳокими вилоят Хуршедҷон Аҳмедов, раиси Иттиҳодияи ҷумҳуриявии «Ҳунарманд» Расулҷон Мирзоаҳмедов ва меҳмонони дигар ширкат карданд.



ИФТИТОҲИ ОСОРХОНАИ КУЛОЛИ НОМӢ

– Шарофиддин Юсуфови 79-сола намояндаи ҳафтуми сулолаи сафолгарҳо маҳсуб меёбад. Дар бораи маҳорати беназири ин устод, ки тӯли солҳои дароз аз хоки одӣ осори бадеӣ меофарад, маст, – гуфт Хуршедҷон Аҳмедов.

Таъкид гардид, ки Шарофиддин Юсуфов анъанаҳои мактаби кулолгарии Риштонро эҷодкорона азхуд кардааст ва онро пайваста рушду



сазад соатҳо ҳарф зад. Аммо тавре ки дар мақоли «Мушк он аст, ки худ бибӯяд, на ин ки аттор бигӯяд» омадааст, тамошои зарфу маҳсулоте, ки вай офаридааст, худ баёнгари натиҷаи заҳматҳояш мебошанд. Гузашта аз ин, зиндагиномаи ӯ низ барои ҷавононамон мояи ибрат ва пайравӣ инкишоф медиҳад. Ҳатто асарҳои ӯ дар Луври Париж, Эрмитажи Санкт-Петербург, Осорхонаи шарқшиносӣ ва халқҳои ҷаҳон дар Маскав ва осорхонаҳои кишварҳои дигар маҳфузанд.

Баъди буридани лента иштирокчиёни маросим воридиро толорҳои осорхонаи ӯ шуданд. Тамошои ҳар як ашёи он дар дилу дидаҳо завқу шавқ бедор менамуд. Дарвоқеъ, Риштон маҳз қадимтарин шаҳри водии Фарғона мебошад, ки дар Роҳи бузурги абрешим воқеъ гаштааст ва бо ҳунари кулолгарӣ дар олам маълуму машҳур гаштааст. Хусусан солҳои касби истиқлоли кишвари маҳбуб дари имкониятҳо барои сафолгарони риштонӣ боз гардид ва онҳо ин ҳунарро сол аз сол ривоҷу равнақ медиҳанд.

– Мардуми шаҳристони Риштон бо як идда устоёни кулолгари худ ифтихор мекунанд. Албатта, дар шароити кунунӣ номи Шарофиддин Юсуфов, Алишер ва Бахтиёр Назиров, Рустам Усмонов дар сарҳат қарор дорад. Онҳо дар ин роҳ фидоиён маҳсуб меёбанд ва даҳҳо шогирд маҳз санъати кулолгариро аз онҳо омӯхтаанд, – мегӯяд роҳбари Шӯрои нурониҳо ва раиси Ҷамъияти дӯстии «Тоҷик-ӯзбек»-и ноҳияи Риштон Турсунхӯҷа Абдураҳмонов.

Писарони усто Шарофиддин Юсуфов – Фирдавс ва Сӯҳроб кулолгарони насли ҳаштуми ин сулола ба шумор мераванд. Онҳо низ мисли падар мактаби кулолгарии анъанавии Риштонро васеъ тарғиб мекунанд. Як идда набераву абераҳои кулолгар низ касби бобову бобокалони худро идома доданианд. Барои ҳамин бо ғояҳои нави худ дар ҷодаи кулолгарӣ қадам мегузоранд ва ҳатман мисли Шарофиддин Юсуфов маълум ва машҳур хоҳанд шуд.

Ба гуфтаи ин устои номии шаҳристони Риштон ахиран ба мақсади худ ноил шуд ва дари осорхона ба рӯи мизоҷон боз намуд. Акнун дар ояндаи наздик дар шафати осорхона ду дар меҳмонхона низ қад рост хоҳад кард. Меҳмонон ва иштиёқмандони ҳунари кулолгарӣ, ки аз хориҷа ба Риштон ташриф меоваранд, дар он сукунат ихтиёр мекунанд.

Мирасрор АҲРОРОВ,
мухбири «Овози тоҷик».

Вилояти ФАРҒОНА.

Манзили сайёҳӣ

ТАБИАТ БА МО ШИФО МЕБАХШАД

Табиати афсункор, рӯду дарёҳои равону хурӯшон, кӯҳҳои сарбафалаку барфпӯш, манзараҳои сабзу дилангез, боғу токзорҳои серҳосил, гулу гиёҳҳои шифобахши Ӯзбекистони маҳбуб ҳар касеро, ки ба ин сарзамин меояд, шефтаю мафтун месозад.

Ноҳияи Косонсойи вилояти Намангон дар ин силсила, бо манзараҳои зебо ва чашмаҳои шифобахшу мавзеъҳои таърихиаш аз ҳама бештар мавқеъ касб кардааст. Дар ин қаламрав ёдгориҳои табиӣ ва таърихию фарҳангие маҳфузанд, ки ҳар кадом аз таърихи бою рангини ин сарзамин гувоҳӣ медиҳанд.

Имрӯзҳо рушди сайёҳии дохилӣ дар кишвари мо дар маркази таваҷҷуҳи доимӣ қарор дорад. Сайёҳӣ яке аз соҳаҳои муҳими иқтисодиёти мамлакат ба ҳисоб рафта, барои беҳтар намудани вазъи инфрасохтори сайёҳӣ ва санаторию курортӣ як қатор қонуну қарорҳо қабул шудааст. Аз ин рӯ, дар минтақаҳо, аз ҷумла дар ноҳияи Косонсой низ ҷиҳати таъмини иҷрои ин ҳуҷҷатҳои меъёрӣ чорабиниҳои судманд амалӣ мешаванд.

Дар осоишгоҳи «Косонсой»-и Федератсияи иттифоқҳои касбаи Ӯзбекистон, ки дар қаторкӯҳҳои Чотқол воқеъ аст, ҳар сол ҳазорон ҳамватанону меҳмонони хориҷӣ саломатии худро мустаҳкам мекунанд. Ҳавои салқину мӯътадил, обҳои аз маъданҳои шифобахш бой, манзараҳои дилфиреби осоишгоҳ табъи касро болида месозад.

Дар ин ҷо барои табобату истироҳати пурмазмун шароитҳо фароҳаманд. Табибони пуртаҷрибаи осоишгоҳ ва кормандони миёнаи тиббӣ истироҳаткунандагонро аз рӯйи бемориҳои дилу рагҳои хунгард, системаи асаб, роҳҳои нафас, мушакҳо, бемориҳои гурда, ҷигар ва меъдаю рӯда дар хонаҳои муолиҷавии муосир табобат мекунанд.

– Омилҳои асосии табобат иқлими кӯҳии ҳавояш мусаффо (зичии оксиген дар ҳаво 26 фоиз) ва оби маъдани табиӣ мебошад, ки барои табобати беморон тавассути нӯшидан ва қабули ваннаҳои минералӣ истифода мешавад, – таъкид мекунад духтури осоишгоҳ Гулбара Қурбонова.

Бо мақсади боз ҳам беҳтар кардани сифати хидматрасонии тиббӣ хонаҳои муолиҷавӣ бо дастгоҳҳои замонавии физиотерапӣ, ЭКГ-и компутерӣ, анализаторҳои биохимиявӣ муҷаҳҳаз гардидаанд.

– Дар осоишгоҳ беморон бо лойи шифобахш, парафин, масҳ, физиотерапия, тарбияи ҷисмонӣ, фитотерапия ва ғизои парҳезӣ табобат мегиранд, – мегӯяд духтури муолиҷакунанда Маъсуда Мамаҷонова. – Азбаски чор тарафи осоишгоҳро кӯҳҳо иҳота кардаанд, баҳору зимистон ҳаво мӯътадил мешавад.

Минтақаи сабзазору хуррами сиҳатгоҳ 19,8 гектарро фаро гирифта, тарҳи зебо, иншоотҳои гуногун, пайроҳаҳои пургул, шипангу суриҳои бароҳат, ҳавзҳои кушод ва фаввораҳо ҳар як ташрифоварандаро ҳузуру ҳаловат мебахшад.

«Чашмаи шифо» ё худ «Чашмаи чак-чак», дар шифобахшӣ ҳамто надорад. Оби маъдание, ки аз 500 метр чуқурии зери замин мебарояд, ба бисёр бемориҳо шифо аст. Чашма макони сайёҳии табиӣ ба шумор рафта, таърихи худро дорад.

– Мо аз табиати фусункор, ҳавои тоза ва оби «Чашмаи шифо» дар ҳайрат мондем, – мегӯянд бонувони рӯзномаи



«Овози тоҷик».

– Косонсой аз нигоҳи иқлим, манзараҳои табиат, кӯҳҳои осмонбӯс ва чашмаҳои нотакрори худ макони беҳтарини сайру саёҳат мебошад, – илова кард хабарнигори рӯзнома Гулчаҳон Кабирова.

Дар ошхонаи сиҳатгоҳ таомҳои болаззати парҳезӣ ва «мизи витаминҳо»-ро омода мекунанд. Инчунин, майдони махсуси пиёдагардӣ ташкил гардида, дар он ҷараёни машқ асосан пойлуч гузаронида мешавад. Бино ба таъкиди мутахассисони осоишгоҳ ҳаракати ҷисмонӣ, махсусан пиёдагардӣ ба системаи ҳозима таъсири хуб расонда, гардиши хунро дар бадан беҳтар мекунад.

– Аз ноҳияи Шофиркони вилояти Бухоро барои табобат омадам, – мегӯяд Шаҳло Ҳотамова. – Дар осоишгоҳ барои табобату фароғат шароитҳо муҳайёст. Хусусан, чойҳои шифобахши гиёҳӣ ба вият ва китобхонаи мӯъҷаз ташкил шуда, китобхонҳо дар онҳо метавонанд наздик ба 1135 адабиёти гуногунро мутолиа кунанд.

Дар ин маскан инчунин фаъолияти осорхона ба роҳ монда шуда, дар он экспонатҳои гуногун, суратҳо аз таърихи осоишгоҳ ҷой гирифтаанд. Барои истироҳаткунандагон ба зиёратгоҳҳои водии Фарғона мунтазам саёҳатҳо ташкил мешавад.

Аз ҳама муҳимаш, дар осоишгоҳи зебоманзари «Косонсой» дар чор фасли сол истироҳат кардан мумкин аст. Чуноне падари илми тиб Гипократ таъкид кардааст: «Духтур бемориро табобат мекунад, аммо табиат шифо мебахшад».

М. МАМАҶОНОВА,
хабарнигори
«Овози тоҷик».

НОМАИ УСТОД ҲАЁТАМРО ДИГАР КАРД

Устод, омӯзгор. Чун ин мафҳумҳоро ба забон меорем, дар пеши назар чеҳраи нуронии шахсе намудор мегардад, ки тамоми ҳаёти хешро баҳри тарбияи насли наврас бахшидааст. Агар барои аз хоби ноз бедор сохтани табиат баҳор лозим бошад, пас баҳри саводнок шудану ба роҳи рост рафтани инсоният муаллим нақши калон дорад. Ҳеҷ кас аз батни модар оқилу донишманд ба дунё наомадааст. Хидмати муаллим аст, ки устод Рӯдакиро чун шоири шоирон, ҳаким Фирдавсиро чун муаллифи асари безаволи «Шоҳнома», Айнӣ, Лоиқ, Турсунзода, ва дар замони ҳозира дар Самарқанд шодравон Шодон Ҳаниф, Ҳаёт Неъмат, аҳли адаб Адаш Истад, Тӯрабек Искандарӣ, Нормурод Каримзода, Озод Ҳамидзода ва дигар адибонро ба камол расонид.

Устод равшангари дилҳо ва ҳидоятгари роҳи рост дар зиндагӣ мебошад. Агар он заҳматҳои устод намебуд, ҳама аз илму дониш дур мемонданду дунё тираву тор мегардид. Чуноне ки гуфтаанд:

Расад ҷон бар лаби бечора устод.
Ки ҳарферо ба шогирде диҳад ёд.

Аз рӯзи аввали ба мактаб қадам ниҳодан муаллим моро бо рӯйи кушоду чеҳраи хандон пешвоз мегирад ва ба мо хондану навиштан, одобу ахлоқи ҳамидаи инсонӣ ва гуфтору рафтори накӯро меомӯзонад. Пас аз чанд сол бо ҳамон чеҳраи кушод ба зиндагии мустақилона мегуселонад.

Муаллим ҳамеша кӯшиш менамояд, ки шогирди хуб ба воя расонад. Барои ин ӯ чӣ қадар нури чашмонашро аз даст медиҳад, мӯйи сарашро сафед мекунад, вале боре ҳам шикоят накарда, ба кори худ содиқ мемонад. Пас мо – шогирдонро зарур аст, ки ҳамаи заҳматҳои устодонро пос дорем ва корҳоеро ба сомон расонем, ки онҳо бо мо бифахранд.

Устод барои гулгулшукуфоии ҷомеа, соҳибмаърифатии наврасон, соҳибтамаддунӣ, худшиносӣ, худогоҳӣ хидмат мекунад. Бо ақл, хирад, таҳаммул муносибат менамояд. Бурдбор аст, сабур аст ва заҳмат ба харҷ медиҳад, то наслро ба камол расонад. Насли одӣ не, насли созанда, бунёдкор, дурандеш, худшинос, худогоҳ, ҷомеасоз. Он ҷое, ки муаллим қадам мегузорад, эҳсос карда мешавад, ки пешорӯйи ӯ дастаи нур равон аст. Ин нур нури хирад, маърифат, дониш ва нури солимии тафаккур аст. Ва он ҷое, ки нур аст, шароиту имконияте ҳаст, ки мардум аз он баҳраманд шаванд. Устод ғарқи дарёи дониш, ғарқи анбуҳи китоб, шабзиндадор, ҳамқадаму ҳамнафаси қаламу дафтару китоб аст.

Сарчашмаи ҳамаи хушиҳо, ободии ҳамаи маҳфилҳо, бузург гардидани ҳамаи шогирдони баркамол маҳз натиҷаи меҳнати устодон мебошад. Омӯзгорон вазифаи ниҳоят душворро ба зимма гирифта, дар зиндагии пур аз розу ниёз тифли инсониятро тарбия менамоянд, илм меомӯзанд, ки чандон кори осон нест. Хуррам онест, ки сазовори номи бузургу ин касби пуршараф аст. Даме, ки шогирди устод шахси обрӯманд мегардад, бевосита аввалиндараҷа номи муаллимашро ба забон мегирад.

Ба хотир дорам, ки дар синфи 7-уми мактаби миёнаи рақами 32, воқеъ дар деҳаи сарсабзу хуррами Оҳалик мехондам. Дарсҳо ба охир расид ва роҳ ба сӯйи хона гирифтам, ки назарам ба ду-се нафар афтод. Назди онҳо рафтам. Дар он ҷо ҷараёни наворбардорӣ идома дошт. Ҳамаи мактаббачагоне, ки аз дарс мебаромаданд, давондавон ба он ҷо омада наворбардоронро тамошо мекарданд. Ҳамин дам мошине омад ва аз он журналисти маъруф, ки мо дар телевизион медидем, Шаҳло Аҳророва берун шуд.

Журналисти ботаҷриба, сухандони ширинзабон, бонуи фарҳангдӯст ва бедордил, хушсадову хушсимо Шаҳло Аҳророва, ки зимнан мешинохтам, сухан гӯяд ё шеър қироат кунад, ҳозирин ҳушу гӯш, мафтуну шайдои забони биҳиштӣ мегардиданд. Маҳз садои дилнишину рафтору гуфтори муаддабонаи устод дар ман шавқи сухандониро зиёд карда буд.

Вақте ки онҳо наворгириро ба охир расониданд, ман зуд аз папкаам қаламу коғаз гирифта, назди Шаҳло Аҳророва рафтам ва хоҳиш кардам, ки соядаст диҳанд. Устод дар дастхаташон «Ансорҷон, оқилу донову азиз бошед! Бо хурмату эҳтироми самимона Шаҳло Аҳророва. СТВ» навиштанд. То ҳол ин дастхат ҳамроҳам аст.

Дар он айём кам-кам шеър менавиштам ва рӯзе чанд шеъри худро ба рӯзномаи бачагонаи «Булбулча-доно» бурдам. Ногаҳон Шаҳло Аҳророваро дар таҳририят дидаму наздашон рафта салом додам. Ин бароям ифтихор буд. Мактаб ва литсейро хатм кардам ва донишҷӯи Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон гардида, ба забони тоҷикӣ дубора шавқи зиёд пайдо кардам ва ин завқ маро назди Ш.Аҳророва оварад. Аз ӯ ҷараёни наворгирӣ, сеҳри сухан, рафтору гуфторро омӯхтам ва боз сӯи Душанбе равона шудам. Устодам ба сармуҳаррири Телевизиони давлатии «Сафина» Носир Саидов хат навишта гуфтанд, ки агар Душанбе равам хатро аз номи мавсуф ба сармуҳаррир диҳам. Маҳз ҳамин хат ҳаёти маро комилан дигаргун сохт. Маро ба Телевизиони давлатии «Сафина» ба кор гирифтанд. Дар раванди кор бо чандин адибон шинос шуда, ҳамкориро ба роҳ мондам. Ҳоло мақолаву ҳикояву шеърҳоям мунтазам дар рӯзномаҳо чоп мешаванд, дар барномаҳо баромад мекунам. Албатта тамоми ин муваффақиятҳоям бо кумаку панду насиҳатҳои устоди азизам – Шаҳло Аҳророва мебошанд.

Ансор СОБИРОВ,

ноҳияи Самарқанди вилояти Самарқанд.

Тавре ки саркори давлат 22 декабри соли 2023 дар ҷамъомади васеи Шӯрои маънавият ва маърифати ҷумҳурӣ супориш дода буд, дар ҳудудҳо марказҳои нави маданӣ созмон меёбанд.

МАРКАЗҲОИ НАВИ ФАРҲАНГ ДАР ВИЛОЯТИ БУХОРО

Маркази маданияти рақами 11-уми ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи «Бухорои шариф»-и шаҳри Когон ба наздикӣ аз таъмири мукаммал баромада ба истифода супорида шуд. Бо дастгирии ҳокимияти шаҳр, депои локомотиви низоми роҳи оҳани ҳудуд, инчунин ҷамъияти саҳҳомии «Когондон» барои ҷараёни бунёдкории марказ қариб 900 миллион сӯм маблағ харҷ гардид. Дар натиҷа, бино ва 14 хонаи он намуди ҷозибанок гирифтанд. Ин хонаҳо бо таҷҳизоти зарурӣ, мебелҳои гуногун, асбобҳои мусиқӣ таъмин гардиданд. Минбаъд 200 нафар мухлисони фарҳангу ҳунарҳои зебо метавонанд аз имкониятҳои фароҳамовардашуда истифода баранд.

Дар маросими ба истифодабарӣ супорида шудани марказ ҷонишини ҳокими вилоят Б.Шаҳриёров, ҳокими шаҳри Когон Ҳ.Давлатов, сардори садорати маданияти вилоят Ш.Тилавов ва дигарон ба сухан баромада, аҳли маҳалларо бо ин дастовард муборакбод намуданд. Мутасаддиёни маҳалла ба бунёдкорони марказ арзи сипос карданд. Чун анъана лентаи рамзӣ бурида, ҳозирон вориди бино гардиданд.

Дар кӯчаи Маҳмуд Торобии ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи «Зарафшон»-и маркази ноҳияи Ҷондор низ бинои нави дуошёнаи Маркази маданияти рақами 16 ба кор даромад.

А.АВЕЗОВ,
хабарнигори
«Овози тоҷик»
дар вилояти Бухоро.

9-уми ноябр – Иди касбии ходимони тиб

ОИЛАИ ШИФОКОРОН

Меликмурод дар оилаи як шахси одӣ таваллуд ёфт. Падари раҳматияш Муҳаммадрасул трактороран буд. Модари Муҳаммадрасул – момои Турсуной хоҳари Бобомуҳаммад Рӯзиев буданд.

Дар деҳаи Дуоба оилаи Меликмурод Раҳимовро оилаи шифокорон мегӯянд. Зеро ҳам ҳамсари оқилааш – Дилором Ашӯрова, ҳам фарзандони онҳо Лобару Анвар шифокоранд.

Ман хуб медонам, ки Меликмурод мактаби миёнаро бо баҳои аъло хатм кард. Камина додарам Ҳамдамқул ва ӯро барои идома додани таҳсил ба Самарқанди бостонӣ бурдам. Меликмурод бе душворӣ ба Донишкадаи тиббӣ, Ҳамдамқул бошад, ба донишгоҳи давлатӣ дохил шуданд. Солҳои донишҷӯӣ Меликмурод ба шарикдарсаш – ӯзбекдухтари зебои воҳаи Сурхон аз ноҳияи Шӯрчӣ – Дилором дил бохт. Пас аз хатми донишкада онҳо хонадор шуданд ва соҳиби чор нафар фарзанд гардиданд. Фарзандон ҳам дар мактаб хуб таҳсил карданд.

Шайх Саъдӣ фармудаанд: «Мероси падар хоҳӣ, касби падар омӯз».

Лобару Анвар ҳам аз пайи падару модар рафтанд.

Алҳол Лобар ҳамчун табиби ҳозиқ ва номзади илмҳои тиб оид ба бемориҳои онколог, радиолог ва ултраовозӣ ба табобати беморон машғул аст. Баробари ин дар Донишкадаи тиббии Самарқанд ба донишҷӯён сабақ медиҳад. Ӯ дониш ва таҷрибаи худро дар кишварҳои Ҳиндустон, Олмон ва Сингапур афзун гардондааст.

Ин модари хушбахт соҳиби 5 фарзанд мебошад.

Анварҷон бошад, чун табиби пуртаҷрибаи замон сазовори унвони доктори илмҳои тиб гаштааст. Ҳоло ӯ дар шуъбаи шикасту банди Маркази илмию тадқиқотии ҷумҳуриявӣ доир ба бемориҳои шикасту банд ва ортопедӣ фаъолият дорад.

Бояд тазаккур дод, ки Анварҷон дар асоси лоиҳаи «Инсон қадри» дар ҳудуди Ӯзбекистони азиз ва ҷумҳуриҳои ҳамсоя ба беморони зиёде, ки аз ҷиҳати моддӣ имконияти табобат гирифтан надоранд, амалиётҳои ноёби ҷарроҳиро ба таври ройгон ба амал меорад.

Ӯ чун вориси шоистаи Сино дар анҷуманҳои байналмилалии тиббӣ бо маърӯзаҳои соҳавӣ ширкат варзидааст.

Лобару Анвар аз ҷумлаи олимони нахустини деҳаи Дуоба мебошанд. Ҳар ду чун падар дастпарварони мактаби рақами 15-уми деҳаи Дуобаанд.

Анварҷон ҳам соҳиби оила ва се фарзанд аст.

Ин оила на танҳо дар деҳаи худ, балки барои тамоми мардуми ноҳия намунаи ибрат мебошанд.

Аъзамқул БОБОЕВ,

ноҳияи Узуни вилояти Сурхондарё.

АДИБ СОБИРИ ТИРМИЗӢ ҲАМЕША БО МОСТ

Дар китобхонаи ба номи Адиб Собир Тирмизӣ бо иштироки устодони кафедраи филологияи тоҷик ва забонҳои Шарқи факултаи филологияи хориҷии Донишгоҳи давлатии Тирмиз, донишҷӯёни гурӯҳи тоҷикӣ ва фаъолони Маркази маданияти тоҷикони Сурхондарё таҳти мавзӯи «Шоир Адиб Собири Тирмизӣ ҳамеша дар ёди мост» чорабинии фарҳангӣ баргузор гардид.

Чорабиниро мудири кафедраи филологияи тоҷик М.Қурбоналиева ҳусни ифтитоҳ бахшид. Раиси Маркази маданияти тоҷикони Сурхондарё, олими тирмизишинос, дотсент Рамазон Абдуллоев дар мавзӯи «Нидое аз соҳили Ҷайҳун ё ҳуд як назар ба ҳаёт ва эҷодиёти Адиб Собири Тирмизӣ» маърӯза намуда, маълумотҳои нав ба навро дар бораи Адиб Собири Тирмизӣ ва тадқиқотҳое, ки доир ба ҳаёту фаъолияти ӯ анҷом пазируфта шудааст, ба иштирокчиён нақл кард. Донишҷӯёни боистеъдод Ш. Сироҷов, З. Аҳмадҷонова, Р. Ҳамидова, Ш. Аҳророва, Ф. Аҳадова ашъори форсӣ-тоҷикии шоир ва шеърҳои ӯзбекии Адиб Собири Тирмизиро, ки аз ҷониби шоирон Чустӣ ва Ҷамол Камол тарҷума шудаанд, қироат намуданд. Донишҷӯён аз ҷониби ташкилкунандаи чорабинӣ Рамазон Абдуллоев бо китобҳои хотиравӣ низ сарфароз гардонида шуданд.

Дар охир раиси Маркази маданияти тоҷикони Сурхондарё ба маъмурияти китобхонаи ба номи Адиб Собири Тирмизӣ изҳори миннатдорӣ намуда, якчанд китобро туҳфа намуд ва таъкид кард, ки мо бояд сафи китобхонҳоро рӯз аз рӯз бояд зиёда намоем. Зеро мутолиа ва омӯхтани мероси ғании бузургон вазифаи ҳаррӯзаи мо, бахусус ҷавонон мебошад.

Олим ПАНҶИЗОДА,
хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Сурхондарё.

Мушоҳида ва мулоҳиза

«ИЛТИМОС, ДУ ҲАЗОР СЎМ ДИҲЕД!»

«Холаҷон, хонемба се бачи гушнем ҳай. Пул тейед. Ягон чиз харам.».

«Амак, аз район омада будам. Хона рафтанамба пулам намонд. Илтимос, барои автобус 2000 сўм диҳед».

«Акаҷон, чақалоқи думоҳаам касал. Барои дору пулам нест, ёрдам кунед».

«Бобоҷон, ду рўзас ҳеҷ чӣ нахўрдаам. Гушнаам. Барои нон пул тед».

Пештар чунин дархости талбандаҳо кам ба гўш мерасид. Илова бар ин, бо чунин касон аҳён-аҳён рў ба рў меомадему қисми асосии онҳо аз қавми лўлӣ буданд, ки тарзи зиндагиашон чунин аст. Мутаассифона, солҳои охир дар минтақаҳои гуногун, бахусус, маркази шаҳру ноҳияҳо касоне, ки тани сиҳату солим доранд ва қобили меҳнат ҳастанд, рў ба талбандагӣ овардаанд. Ҳатто дар байни онҳо мардҳоеро мебинем, ки ба таъбире, кўҳро зананд, талқон мешавад. Аммо онҳо пардаи шарми рўйро доронда, мехоҳанд пули бедардимиён ба даст ованд, ки Абдураҳмони Ҷомӣ ба ин маънӣ хеле бамаврид фармудааст:

Баҳри савдое, ки дар сар доштанд,
Пардаи шарм аз миён бардоштанд.

Инчунин, бонувоне талбандагӣ мекунанд, ки имкони ҳунаромўзӣ ва бо кори шоиста обод кардани оилаеро доранд. Онҳо бештар дар кўчаву бозор, чойхонаю ошхона, тарабхонаву беморхона, масҷиду истгоҳҳо, яъне манзилу маконҳои серодам мегарданд. Аксар бонувон ба кўдакони худ либосҳои ҷанда пўшонида, онҳоро дар паҳлў ва бағал гирифта мешинанд, аз ҳар як роҳгузар бо вачҳу баҳонаҳои гуногун садақа мепурсанд. Сад афсўс, ки ҳоло дар байни чинин талбандаҳо бачаҳои синни мактабӣ ҳам афзудаанд. Онҳо худро фақиру бечораҳол вонамуд карда, беибоёна садақа металабанд.

– Афзудани шумораи чунин талбандаҳо бо як қатор омилҳо вобаста аст, – гуфт узви Ассотсиатсияи психологҳои Ӯзбекистон, рўҳшиноси оилавӣ Шоира Исоқова. – Яке аз омилҳои асосӣ, бо равандди таълиму тарбия дар муҳити хонавода ҳамбастагӣ дорад. Аксар волидон ба таълиму тарбия, иштироки фарзандонашон дар ҷараёни дарсву фанҳоро аз худ кардани онҳо бепарвоянд. Гайр аз ин, наметавонем бигўем, ки ҳамаи кўдакон ақлан солиманд. Дар руҳият ва инкишофи зеҳнии баъзе аз онҳо нуқсонҳо мавҷуд аст. Дар аксар маврид маҳз чунин афрод, яъне онҳое, ки дар мактаб нағз нахондаанд, ҳунаре надоранд ё худ душвортарбия ҳастанду дар зеҳнашон нуқсе ҳаст, ба чунин амали номақбул даст мезананд.

Мавсуф зикр намуд, ки дар психология истилоҳи рафтори девиантӣ мавҷуд аст, ки бевосита ба тарбия марбут мебошад. Девиантӣ худ аз калимаи лотинии «deviantion» гирифта шуда, маънои «берун баромадан, дур рафтан аз меъёрҳои қабулшудаи ҷомеа»-ро дорад. Яъне берун рафтан аз меъёри иҷтимоӣ ё итоат накардани одамон ба меъёрҳои муайяншудаи ҷомеа, ташкилот, институт ва дигар гурӯҳҳои иҷтимоӣ мебошад. Масалан, дар наврасон риоя накардан ба меъёрҳои ахлоқӣ, мисли беэҳтиромӣ нисбати пиронсолон, кўчагардӣ, майзадагӣ, хоҳиши тезтар сарватманд шудану бештар пул ёфтан пайдо мегардад. Аксар падару модарон дар рафтори фарзандони худ чунин дигаргуниҳоро мебинанд, аммо беэътиборӣ мекунанд. «Гузашта меравад», «нағз мешавад», «шўхии бачагида» гуфта, ба мутахассис, эндокринолог, рўҳшиносу равоншиносон муроҷиат намекунанд. Дар тарбияи онҳо роҳу равишеро кор мебаранд, ки волидонашон нисбати онҳо истифода бурдаанд. Тағйироти замон, руҳияти кўдаконро ба ҳисоб намегиранд. Ҳангоми ташаккули руҳияти бачагон, масалан дар раванди инкишофи зеҳнӣ, эҳсосӣ ва руҳии эшон гоҳо нуқсонҳое пайдо мешаванд, ки онҳоро бидуни маслиҳати мухатассис муайян ва пешгирӣ кардан имконнопазир аст.

Шоира Исоқова таъкид кард, ки ҳоло дар ҳар як муассисаи таълимӣ психологҳо фаъолият доранд. Лекин бо вуҷуди ин, аксари ҷавононе, ки талбандагӣ мекунанд, ё ба ҳамин роҳ рафтаанд, маҳз дар мактаб таҳсил гирифтаанд. Ин ҳолат дар натиҷаи беэътиборӣ ва сари вақт дарнаёфтани роҳи ҳалли мушкилот ба миён меояд.

– Гоҳо худам ҳам дар даромадгоҳҳои метро занони солимеро мебинам, ки кўдаки худро дар оғўш гирифта, «сето бачам ҳаст, дар хона барои хўрдан нон надорам» гуфта, пул мепурсанд, – илова кард Шоира Исоқова. – Дар ҳоле ки имрўз барои зан ва духтарон имкониятҳои зиёд фароҳам оварда шудаанд. Масалан, худи онҳо метавонанд ҳунар омўзанд, ҷои нави корӣ ташкил кунанд. Имконият ҳаст, лекин онҳо ба садақаталабӣ одат ва талбандагиро барои худ касб кардаанд. Ҳатто падару модароне ёфт мешаванд, ки фарзанди мактабхони худро «пул ёфта биёр» гуфта, аз хона берун мекунанд. Наврасони бечора барои пулёбӣ худро ба ҳар сў мезананд. Яке хурўсканд мефурўшад, дигаре яхмос, сеюмӣ бошад, ноилоҷ талбандагӣ мекунад. Падару модарон бо ин амали худ на танҳо вақти донишандўзӣ, ҳунаромўзии фарзандонашонро медузданд, балки боз бачагии онҳоро талаф мекунанд.

Омили дигаре, ки боиси зиёд шудани чунин талбандаҳо мегардад, бепарвоии одамони гирду атроф мебошад. Агар нафаре дар ҳаёт роҳгум занад, маслиҳатгаре нест, ки ба ў роҳнамоӣ кунад. Яъне мо ба ҳаёт, мушкилот ва дарду ғами атрофиёни худ беэътиборем. Набояд фаромўш кард, ки на ҳама ба ҳаёти иҷтимоӣ як хел мувофиқ шуда метавонад. Нафароне ҳастанд, ки дар ин раванд бо мушкилӣ рў ба рў меоянд. Онҳо низ мехоҳанд зиндагӣ кунанд, рўзӣ ба даст оранд, хўрок хўранд, либос пўшанд. Гоҳо маҳз барои қонеъ кардани ҳамин эҳтиёҷоташ, маҷбуранд чунин роҳро пеш гиранд.

Воқеан, дар байни чунин талбандаҳо нафароне низ ҳастанд, ки аз муҳтоҷӣ, ноилоҷӣ ва маҷбурӣ ба ин амал даст задаанд. Аммо бояд гуфт, ки фиребгару қаллобон бештаранд. Онҳо рўзи дароз садақа металабанд, вале вақти бозгашт, бо автомобили замонавӣ ё таксӣ ба хона бармегарданд. Сад афсўс, ки ба «шарофат»-и фиреби чунин ҳиласозҳо, одамони воқеан ночор аз кумаку ғамхории атрофиён бенасиб мемонанд. Мардум дар симои онҳо низ фиребкоронро мебинанд ва аз хайру эҳсон даст мекашанд.

Фаридуни ФАРҲОДЗОД,
мухбири «Овози тоҷик».

Ба ифтихори 100-солагии «Овози тоҷик»

«БУЗУРГДОШТИ РЎЗНОМАИ МИЛЛАТ – «ОВОЗИ ТОҶИК»

Ислоҳоти ояндасоз барои дар мамлакат ба амал татбиқ намудани ҳар як ташаббуси созанда имкониятҳои васеъ фароҳам овардаанд. Дар ин раванди созанда ташаккули олами маънавии аҳли кишвар мавқеи муҳим дорад. Дар вазияте, ки таваҷҷуҳи мардум ба китобу китобхонӣ то андозае коҳида буд, аз ҷониби давлат озмуни «Китобхони ҷавон» роҳандозӣ гардид. Дар ин замина бо ташаббуси нависандаи шинохта Юнуси Имомназар дар байни донишомӯзони мактабҳои тоҷикии вилоятҳои Ҷиззах ва Навоӣ маҳфили зеҳнию андешаварзии «Хирадманд» таъсис ёфтааст. Маҳфил зуд миёни толибилмони мактабҳои кӯҳпояи Нурато мавқеъ ва мақоми хосро пайдо карда, ҳоло ба ҳукми анъана даромадааст.



Голибони маҳфили навбатии «Хирадманд» хонандагони мактаби таълими ҳамагонии рақами 13-уми ноҳияи Фориш.

Нишасти навбатии маҳфили «Хирадманд» дар мактаби рақами 43-юми ноҳияи Нуратои вилояти Навоӣ, дар деҳаи Эҷ баргузор гардид. Он ба 100-солагии таъсиси рўзномаи «Овози тоҷик» бахшида шуда, таҳти унвони «Бузургдошти рўзномаи миллат – «Овози тоҷик» гузашт. Дар чорабинӣ донишомўзони ҳашт мактаби таълимашон ба забони тоҷикии ноҳияи Нуратои вилояти Навоӣ ва ноҳияи Фориши вилояти Ҷиззах бинобар шартҳои гуногун сабқат намуданд.



Маҳфил-бозии интеллектуалиро омўзгор, Аълочии таълими халқи Ӯзбекистон ва Аълочии маориф ва илми Тоҷикистон Дилмурод Қўзиев оғоз бахшид. Ӯ таъкид намуд, барои он ки донишомўзон ба манбаъ ва сарчашмаҳои марбут ба мавзўи «Бузургдошти рўзномаи миллат – «Овози тоҷик» дастрасӣ дошта бошанд, мо ба воситаи омўзгороне, ки дар мактаби худ барои гузаронидани зинаҳои аввали ин бозии интеллектуалӣ вобастаанд, 20 мақолаи илмию таҳлилӣ ва таърихию публитсистии адибони шинохта ва хабарнигорони варзидаи «Овози тоҷик»-ро аз замони нахустин шумораш то имрўз барои омўзиши донишомўзон пешниҳод карда будем.

Дар маҳфил ҷонишини сармуҳаррири «Овози тоҷик» Тоҷибой Икромов, мудири бахши адабиёт ва санъати рўзнома, узви иттифоқҳои нависандагони Ӯзбекистон ва Тоҷикистон, шоир Абдулло Субҳон, нависанда, узви иттифоқҳои нависандагони Ӯзбекистон ва Тоҷикистон Юнуси Имомназар, адиби зуллисонайн Пайғом, раиси Маркази миллию фарҳангии тоҷикони вилояти Ҷиззах Абдукарим Шарифов, мудири шуъбаи Маркази маънавият ва маърифати ҷумҳурӣ дар ноҳияи Нурато Воҳид Қобилов, мудири шуъбаи маънавият ва маърифати бахши таълими мактабӣ ва томактабии ноҳияи Нурато Шерзод Мустафоев ва намояндаи Агентии кор бо ҷавононии ноҳия Умарҷон Усмонов ширкат варзиданд.

Мусобиқаи донишомўзон хеле шавқовар гузашт. Хонандагони ташнаи илм ва китобхон ба ҳар як савол бо забони буррову шево дақиқ ҷавоб медоданд. Мусобиқаи дастаҳои зеҳнӣ-андешаварзии хонандагонро се нафар доварон – Абдулло Субҳон (раис), Пайғом ва Аълочии маориф ва илми Тоҷикистон Ҷумҳур Қўқонов арзёбӣ карданд.

Пас аз гузаронидани се даври озмун бо дарёфти 42 хол дастаи хирадварзии мактаби рақами 13-уми деҳаи Поршт (ноҳияи Фориши вилояти Ҷиззах) ба ҷойи якум (роҳбари даста – Дилбар Қурбонова), бо 39 хол дастаи мактаби рақами 32-юм (роҳбари даста –Бахтиёр Раҳимов) аз деҳаи Моҷарм (ноҳияи Фориши вилояти Ҷиззах) ба ҷойи дуюм ва бо 37 хол дастаи мактаби рақами 21-уми Соб (ноҳияи Нуратои вилояти Навоӣ) ба ҷойи сеюм (роҳбари даста Бахтиёр Холов) сазовор гардиданд.

Дар маҳфил-бозии андешаварзӣ ва зеҳнии «Хирадманд» аз рўйи номинаҳои хониши ифоданок – «Шеърхони беҳтарин» ва «Суханрони беҳтарин» донишомўзон аз мактабҳои 43 (деҳаи Эҷ) ва 38-уми деҳаи Синтоби ноҳияи Нурато Бунафша Қўрғонова ва Ганҷина Олибоева дастболо гардиданд.

Дар давоми маҳфил ҷонишини сармуҳаррири «Овози тоҷик» Тоҷибой Икромов, шоир Абдулло Субҳон, намояндаи ҳокимияти ноҳияи Нурато Воҳид Қобилов, корманди Агентии кор бо ҷавононии ноҳия Умарҷон Усмонов, раиси Маркази миллию фарҳангии тоҷикони вилояти Ҷиззах Абдукарим Шарифов дар бораи мақом ва мавқеи рўзномаи «Овози тоҷик» ва аҳамияти маънавиву маърифатии он тўли 100 сол, китобу китобдорӣ, аҳамияти китобхонӣ, парвариши насли наврас дар рўзияи ватандўстиву хештаншиносӣ, арҷ гузоштан ба мероси фарҳангии ниёгон, таҳкими дўстии байни ҷавонон ва рафоқати халқҳои ба ҳам баробари тоҷику ӯзбек суханҳои самимӣ гуфтанд.

Тоҷибой Икромов зимни суханронӣ пешниҳод намуд, ки мавзўи навбатии маҳфили «Хирадманд» бахшида ба ҳаёт ва фаъолияти 75-солагии нависанда ва рўзноманигор Бекназар Тўйназаров, 70-солагии шоирони варзида Паймон ва Абдулло Субҳон ва 60-солагии нависандаи шинохта Юнуси Имомназар, ки зода ва дастпарварони деҳоти кўҳпояи Нурато буда, дар рушду нумўи натанҳо ҳавзаи адабии тоҷикони Ӯзбекистону Тоҷикистон, балки ба равнақи адабиёти форсизабонон саҳм мегиранд, бахшида шавад.

Дар хотима ба дастаҳои ғолиби мусобиқа ва ҳар як ширкаткунандаи маҳфилбозии интеллектуалӣ аз ҷониби раёсати маҳфил, Маркази милливу фарҳангии тоҷикони вилояти Ҷиззах, ҳокимияти ноҳияи Нурато, иттифоқи ҷавononи ноҳия ифтихорнома ва туҳфаҳо супорида шуданд. Ҳамчунин Тоҷибой Икромов туҳфаҳои хотиравии рўзномаро ба роҳбарони мактабҳои иштирокдор ва чанд нафар ҳомии рўзномаю равшанфикрон супурд.

Маҳфил-бозии интеллектуалии «Хирадманд» боз як маротиба собит намуд, ки ҳадафи асосии он тарғиби китобхонӣ, пуштибонии аҳли қалам, таҳкими дўстии байни донишомўзони мактабҳои як кўҳистон ва тарғиби худшиносии миллӣ аст. Дар давоми нишаст китобҳои бадеии «Марзи сухан», «Хирмани сухан» (муаллиф ва мутарҷим Юнуси Имомназар), «Барнамегардад баҳор» ном маҷмўаи ҳикояҳои Ӯткир Ҳошимов (ба забони тоҷикӣ тарҷумаи Насиба Зайниддинова, ки ба маҳфили «Хирадманд» ва мактабҳо ройгон тўҳфа кардааст), «Даҳ пурсишу даҳ посух»-и шоир Паймон ва «Мактаби сеюм» ном китоби адиба Саодат Сангинова ба иштирокдорони маҳфил супорида шуданд.

Сарпарасти маҳфил Юнуси Имомназар иброз дошт:

– Ин нишасти фарҳангӣ бори дигар нишон дод, ки ҳар як кас бо камоли мамнуният дастгиру муаррифгари рўзномаи маҳбуби «Овози тоҷик» аст ва орзуманди солҳои зиёд зиндаю ҷовид мондани он мебошад.

Баромадҳои хонандагони мактаби рақами 43-юм, рақсу сурудхонии онҳо ҳозиринро болидарўҳ ва хушнуд намуд. Суруду тaронаҳо дар иҷрои сароянда хушилҳом Дилмурод Қўзиев ҷараёни маҳфилро боз ҳам рангину ҷаззобтар кард.

Дар охир директори мактаби рақами 43-юм Нурулло Солеҳов аз ташрифи меҳмонон изҳори сипос намуд.

Ӯзбакбойи РАҲМОН,
хабарнигори «Овози тоҷик».
Вилояти НАВОӢ.

Суратгир: Т. ХОВАРӢ.

Ба фарорасии фасли сармо эҳтиёҷ ба истифодаи гази табиӣ меафзояд. Аз истифодаи нодуруст аз воситаҳои гармидиҳӣ ҳолатҳои ногувори сўхтор, таркиш ва заҳролудшавӣ қайд гардидаанд. Солҳои охир заҳролудшавӣ аз ғубори газ бештар ба мушоҳида мерасад.

ЭҲТИЁТКОРӢ – ГАРАВИ ОСОИШТАГӢ

Ғубори газ (СО) берангубӯй буда, он дар натиҷаи ҳамчун воситаи гармидиҳӣ кор фармудани гази табиӣ, сӯзишворӣ (бензин), ангишт, ҳезуми тар ҳосил мегардад. Мутахассисон дар таркиби дуд 3 фоиз, гази табиии хонадон 13 фоиз, гази тарканда 50-60 фоиз мавҷуд будани СО-ро муайян кардаанд. Аз ин рӯ он баробари дигар ҳолатҳои фавқулода, ба заҳролудшавии инсонҳо низ сабаб мегардад. Ба шахси заҳролудшуда сари вақт ёрии зарурӣ расонда бояд шавад, дар акси ҳол ин ҳолат ӯро ба фавт мебарад.

Ходимони соҳа барои пешгирии ҷамъшавии газ дар хонадонҳо ба маҳаллаву ташкилотҳо рафта, аз оқибати бепарвоӣ ва истифодаи нодуруст аз усулҳои гармидиҳӣ хабардор карда, тез-тез шамол додани хонаҳо, тоза кардани дудбароҳо, истифодаи дуруст аз гази табиӣ ва ҳамеша ҳушёр буданро таъкид менамоянд.

Бахтиёр ҲОШИМОВ,
инспектори шуъбаи назорат ва профилактикаи бехатарӣ аз сӯхтори Маркази маърифати пойтахт.

БА ДОНИШҶЎЁНИ МАРКАЗҲОИ ТАЪЛИМИ IT СУБСИДИЯ ДОДА МЕШАВАД

Интернет олами пур аз ахбору дониш аст, ки ҳар кас метавонад мувофиқи талабу эҳтиёҷи худ дар фурсати дилхоҳ аз он самаранок истифода барад. Ба воситаи он ба бисёр адабиётҳои соҳаҳои гуногун дастрасӣ пайдо кардан мумкин аст. Инчунин имконоти омӯхтани забонҳои хориҷӣ ва санъатҳои гуногунро низ дорад.

Ҳоло ҷиҳати бартараф кардани норасоии барномаҳои таълимии иловагие, ки ба ҷавонон имконияти омӯхтани соҳаи IT-ро медиҳад, ташкил кардани марказҳои таълимии технологияҳои рақамӣ, ба онҳо ба таври ройгон омӯзондани барномасозӣ ва тиҷорати электронӣ, офаридани лоиҳаҳои стартап дар соҳаи IT саъю ҳаракатҳо пурзӯр мегарданд.

Соли ҷорӣ чандин маркази таълими IT дар ноҳияву шаҳрҳои ҷумҳурӣ ба истифода супурда шуд. Дар ин ҷо ҷавонони 14-30 сола метавонанд дар курсҳои ройгон бинобар тиҷорати электронӣ, барномасозӣ ва асосҳои кибер-варзиш таҳсил гиранд. Дар натиҷа ҷавонон касбҳои замонавиро мисли веб-дизайнер ва барномасозӣ аз худ мекунанд, ба офаридани замимаи мобилӣ шурўъ карда, дар ин соҳа тиҷорати худро роҳандозӣ месозанд.

Дар Агентии иттилоот ва коммуникатсияи оммавӣ бо ташаббуси Вазорати технологияҳои рақамӣ оиди имконият ва имтиёзҳое, ки аз ҷониби ҳукумат барои таҳсили IT пешбинӣ шудаанд, нишасти матбуотӣ баргузор гардид.

Дар он директори Маркази рушди таълими рақамӣ Шуҳрат Сатторов таъкид кард, ки ҳоло дар мамлакатамон беш аз 65 ҳазор нафар писарону духтарон дар 600 маркази таълими IT таҳсил мегиранд. Дар пойгоҳи қарорҳои роҳбари давлат аз 1 феврали соли 2024 «Дар бораи чораҳои иловагӣ оиди дастгирии фаъолияти омодасозии мутахассисони бомалака дар соҳаи рақамисозӣ» ва «Дар бораи чораҳои дастгирии фаъолияти омодасозии мутахассисони бомалака аз рӯи самтҳои экспорти хидматҳои IT» ва мувофиқи қарори Девони Вазирон аз соли ҷорӣ барномаи «IT-iste'dod» эътибор пайдо кард.

Барномаи «IT-iste'dod» лоиҳаест, ки ба ҳавасмандгардонии рушд ва тавсеаи фаъолияти ташкилотҳои таълимии ғайридавлатӣ нигаронида шуда, мутахассисони соҳаро барои ширкатҳои содиркунандаи хидмати резидентҳои IT-park омода мекунад.

Мувофиқи қарор, вақте ки хатмкунанда ба созмони содиротии хидматҳои IT ба кор дохил мешавад, ба ӯ ба андозаи 75 баробари миқдори базавӣ, яъне то 25 миллион ва дар вақти ба кор дохил шудани хатмкунандаи ногиро ба ӯ ба андозаи 105 баробари миқдори базавӣ, яъне то 35 миллион сўм субсидия ҷудо карда мешавад.

Барои тақдими субсидия ба ташкилотҳои таълимии ғайридавлатӣ, ки резиденти IT-park мебошад, системаи махсуси иттилоотии crm.digital.uz офарида шуда, аз моҳи марти соли ҷорӣ фаъол гаштааст.

Дар ин системаи махсуси рақамӣ 485 нафар резидентҳои таълимӣ сабти ном шуда, дар бораи 1281 курси таълимӣ маълумот ворид карда шудааст. Ин курсҳоро 26800 нафар донишҷӯён бомуваффақият хатм намуда, зиёда аз 5600 нафар донишҷӯён таҳсил мегиранд.

Беш аз 11 000 нафар хатмкунандагон бо ҷойи кор таъмин шудаанд, ки 467 нафари онҳо дар ташкилотҳое, ки хидматрасониҳои IT-ро содир мекунанд, фаъолият мебаранд.

Дар рафти чорабинӣ бо суоле муроҷиат кардам, ки азбаски ҳамаи маҳаллу деҳоти мамлакатамон бо интернет ба дараҷаи кофӣ таъмин нестанд, ба онҳо хидматҳои IT чӣ гуна расонида мешавад? Роҳбари садорати кор бо ташкилотҳои таълимӣ Алишер Рапиев ҷавобан гуфт, ки дар солҳои наздик қадри имкон нафақат дар ҳар маҳаллу деҳот хидматҳои компутер ташкил мешавад, инчунин дар мактабҳои таълимӣ нақшаи солонаи фанни информатика аз нав тағйир ёфта, синфҳои компутер бо Wi-Fi пайваст мешаванд ва бо шабакаи интернети баландсуръат таъмин мегарданд.

Далер АЗИЗОВ,
хабарнигори «Овози тоҷик».

Ҷамоаи «Овози тоҷик» нисбати вафоти нобаҳангоми ходими собиқи рўзнома

Мансур ҶУМЪАЕВ

ба аҳли хонавода ба хешовандони марҳум ҳамдардии амиқ изҳор менамояд.

Маркази миллӣ-маданнии тоҷикони вилояти Ҷиззах нисбати вафоти директори мактаби рақами 46-уми ноҳияи Фориш

Асалбой ИКРОМОВ

ба аҳли байт ва хешовандони марҳум ҳамдардии амиқ изҳор менамояд.

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ӯзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
Тожик тилида нашр этилади.

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ
Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.

Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
ISSN 2010-7757
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-1128.
Адади нашр 4180. Ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ.
Усули нашр – офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6

Муҳаррири навбатдор:
А. Субҳонов.
Саҳифабанд-дизайнер:
Х. Тӯхтаева.
Мувофиқи ҷадвал — 21.00
Ба чоп супурда шуд — 22.40

Нишонии мо:
100011 ш.Тошканд, кӯчаи Навоӣ, 30, ошёнаи 4.
Телефонҳо: қабулгоҳ: +998555200337;
Котибот +998555200336.
Факс: +998555200337.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.